**ДОНИШГОЊИ ДАВЛАТИИ САМАРЌАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЇ**

**ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ**

**КАФЕДРАИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОЉИК**

**МАВЗЎЪ: МУНДАРИЧАИ РИСОЛАИ ХАТМӢ ОИДИ МАВЗӮИ «ТАФОВУТИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО АЗ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ДИГАР»**


**ИЉРОКУНАНДА:** **ДОНИШЉЎИ КУРСИ IV**

**Назарова Манижа Вафоқуловна**

**РОЊБАРИ ИЛМЇ:** **доц. М.Истамова**

## МУНДАРИҶАИ РИСОЛАИ ХАТМӢ ОИДИ МАВЗӮИ «ТАФОВУТИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО АЗ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ДИГАР»


**МУҚАДДИМА**

а) Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ;

б) Мақсади тадқиқот;

в) Навоварии илмӣ;

г) Аҳамияти натиҷаҳои тадқиқот

**БОБИ ЯКУМ**

1.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар

1.1.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз пайрави пуркунанда

1.2. Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз пайрави муайянкунанда

1.3. Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаи пайрави шартӣ

**БОБИ ДУЮМ**

2. Тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо

а) тобиши шарти маъноӣ;

б) тобиши муайянкунандагии маъноӣ;

в) тобиши натиҷагии маъноӣ;

2.1.Муносибати ҷумлаи пайрави мубтадо бо ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба ва омехта.

2.2. Ҷумлаҳои пайрави мубтадои чида

2.3. Ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида

2.4. Иборaҳои масдарӣ ва сифати феълӣ ҳамчун муродифи ҷумлаҳои пайрави мубтадо

Хулоса

Феҳрасти адабиёти илмӣ ва таълимии истифодашуда

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ**

Дар синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик масъалаҳое низ ҳастанд, ки то кунун ё тамоман омӯхта нашудаанд ва ё кам тадқиқ шудаанд. Ҷумлаи пайрави мубтадо аз қабили ҳамин гуна масъалаҳо ба ҳисоб меравад. Дар китобҳои дарсӣ оид ба ин масъала баъзе маълумот мавҷуд бошад ҳам, маҳдуд буда, моҳияти масъаларо ҳартарафа дарбар намегирад.

Ин аст, ки омӯхтани ҷумлаи пайрави мубтадо, ки масъалаҳои муҳими забоншиносиро дар бар мегирад, тадқиқи ҳартарафаро мунтазир аст, зеро «Тафовутҳои ҷумлаҳои пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар» дар ягон адабиётҳои илмии забоншиносӣ ба таври мукаммал нишон дода нашудаанд.

Б.Ҳоҷизода, Л.Бузургзода, А.Деҳотӣ дар «Забони модарӣ»[1] ном китоби дарсии худ оид ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ маълумоте надодаанд.

Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» қ. II. Синтаксис (1986), инчунин дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик»–и М. Истамова (2011) дар бораи тафриқаи байни ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар, тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо чизе оварда нашудааст.

Аввалин тадқиқотҳои илмии олимоне, ки оиди омӯхтани ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷониби академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммедов ва Шавкат Ниёзӣ дар аксарияти нашри «Грамматикаи забони тоҷикӣ» акси худро ёфтааст.

Аз грамматикаҳои забони форсӣ низ дар ин хусус маълумоти

1. Б.Ҳоҷизода, Л.Бузургзода, А.Деҳотӣ. Забони модарӣ, Сарфу наҳв. Самарқанд, 1932.

муфассал ва ҷолиби диққатро пайдо кардан ғайриимкон аст.

Залеман К.Г, Жуковский В.В, А.К дар асарҳои худ[18] ҷумлаи пайрави мубтадоро тамоман ном намебаранд. Танҳо Ю.А.Рубинчик доир ба ҷумлаи пайрави мубтадо мувофиқи талаботи программаи таълимӣ маълумот медиҳад.

Умумӣ карда гӯем, дар омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, хусусан ҷумлаҳои пайрав хизмати олимони арҷманд Аҳмад Шафоӣ, проф.М.Ф.Исматуллоев, аъзо корреспондентони Аф РСС. Тоҷикистон Ф. Ниёзмуҳаммедов, Н. Маъсумӣ, М.Фозилов, Ш. Рустамов хеле калон аст.

**2.Мақсади тадқиқот**

Мақсади асосии тадқиқот иборат аз он аст, ки хусусиятҳои асосии ҷумлаи пайрави мубтадо ва тафовути онро аз ҷумлаҳои пайрави дигар, тобишҳои маъноии онҳоро дар асоси мисолҳои асарҳои бадеӣ нишон додан аст, ки ин хусусиятҳо на дар китобҳои дарсии пешина ва на дар китобҳои дарсии имрӯза ишора нашудааст, ба таври илмӣ исбот намудан аст:

Тафриқаи ҷумлаи пайрави мубтадоро аз пайрави пуркунанда, аз ҷумлаи пайрави муайянкунанда, тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо: тобиши шартии маъноӣ, тобиши муайянкундагии маъноӣ, тобиши натиҷагии маъноӣ. Инчунин муносибати ҷумлаи пайрави мубтадо бо ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба ва омехтаро дар бар мегирад.

18. Ю.А.Рубинчик. Сложные предложения, саҳ 35–36.

19. А.М.Шафаи. Сложноподчинённое предложения… (придаточные определительные предложения) саҳ 15.

**3.Нововарии илмӣ**

Маротибаи аввал дар бораи «Тафовутҳои ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар ва тобишҳои маъноии он» кори хатмӣ навишта мешавад, ки ин мавзӯъ дар китоби дарсии факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ба таври мукаммал тадқиқ нашудаанд.

Нововарии илмӣ аз он иборат аст, ки маротибаи аввал ба ин мавзӯъ даст зада муайян кардаам, ки ҷумлаи пайрави мубтадо баробари умумият доштанаш аз ҷумлаҳои пайрави дигар тафовутҳои зиёде доштааст. Маротибаи аввал мушоҳида карда шуд, ки ҷумлаи пайрави мубтадо тобишҳои маъноӣ доштааст (тобиши шартии маъноӣ, тобиши муайянкунандагии маъноӣ, тобиши натиҷагии маъноӣ ва ҷумлаи пайрави мубтадо) муродифи масдар ва сифати феълӣ шуда меоянд. Ҳоло дар кори хатмиам ба ҳамин масъала эътибор махсус дода шудааст.

**4.Аҳамияти назарӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот**

Дар кори мазкур, чӣ навъе ки ишора шуд, хусусиятҳои хоси тафовутҳои ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар, ҳаминро бояд қайд кард, ки қисме аз ҷумлаҳои пайрав ба таври қатъӣ ва мутлақ аз ҳам фарқ намекунанд. Дар байни онҳо ҳудуди қатъӣ гузоштан душвор аст. Ғайр аз он онҳо бо осонӣ аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Масалан, бо бадал кардани яке аз аъзоҳои сарҷумла бо аъзои дигари ҷумла вазифа ва хусусияти ҷумлаи пайрав тағйир меёбад.

Мисол, «аз дилам гузашт, ки ту ҳозир расида меоӣ». Агар феъли мондаи «гузашт»–ро ба шакли гузарандаи феъл – «гузарондан» табдил

диҳем, ҷумлаи пайрави мубтадо ба ҷумлаи пайрави пуркунанда табдил меёбад.

Ба ҳамин тариқ, баъзе ҷумлаҳои пайрав чунон ба ҳамдигар наздик ва монанданд, ки ҳатто фарқ кунонидани онҳо мушкил мегардад. Ба ҳар ҳол, то ҳадди имкон тафовут доштану муқаррар намудани ҷиҳати нозуктарини ҷумлаҳои пайрав зарур аст.

Аз ҳамин ҷиҳат баъзе ҷумлаҳои пайраверо, ки ба ҷумлаи пайрави мубтадо мушобеҳанд ва тафриқаи байни онҳо дар чист?, аз назар гузаронида, чанд намуна ва далелҳо оварда, фикри худро исбот карданӣ ҳастем.

Тадқиқ дар асоси китобҳои дарсӣ ва мақолаҳои алоҳидае, ки ба ҳамин мавзӯъ наздиканд:

Аҳамияти тадқиқии ин мавзӯъ иборат аз он аст, ки материали он барои донишҷӯёни факултетҳои филологии институтҳои педагогӣ, литсей ва коллежҳои касбӣ, барои тайёр кардани маърӯза аз назарияи забоншиносӣ ва таърихи забон, барои тайёр кардани воситаҳои услубӣ, хусусан барои студентони равиши бакалаврии факултетҳои филологияи тоҷик барои тайёр кардани машғулотҳои амалию семинарӣ аҳамияти беҳамто дорад.

**БОБИ ЯКУМ**

## 1.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаҳои пайрави дигар

Қисме аз ҷумлаҳои пайрав ба таври қатъӣ ва мутлақ аз ҳам фарқ намекунанд. Дар байни онҳо ҳудуди қатъӣ гузоштан душвор аст. Ғайр аз ин онҳо бо осонӣ аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар мегузаранд. Бо иваз шудани феъли хабари сарҷумла ва ё ҷумлаи пайрав, бо бадал кардани яке аз аъзоҳои сарҷумла бо аъзои дигари ҷумла вазифа ва хусусияти ҷумлаи пайрав тағир меёбад. Мисол, **аз дилам гузашт, ки ту ҳозир расида меоӣ**. Агар феъли мондаи «гузаштан»–и хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадои мазкурро аз шакли монда ба шакли гузарандаи феъл «гузарондан» табдил диҳем, ҷумлаи пайрави мубтадо ба ҷумлаи пайрави пуркунанда табдил меёбад: Аз дилам **гузарондам, ки ту ҳозир** расида меоӣ.

Ба ҳамин тариқ, баъзе ҷумлаҳои пайрав чунон ба ҳамдигар монанд ва наздиканд, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто байни онҳо фарқ гузоштан мушкил мегардад. Ба ҳар ҳол, то ҳадди имкон дарёфт кардан, муқаррару муайян намудани ҷиҳати нозуктарини ҷумлаҳои пайрав зарур аст. Ин чиз кӯмак мерасонад, ки дар аснои тасниф ва таҳлилу таҳқиқи ҷумлаҳои пайрав як намуди он ба намуди дигараш омехта нагардад.

Аз ҳамин ҷиҳат баъзе ҷумлаҳои пайраверо, ки ба ҷумлаи пайрави мубтадо мушобеҳанд, аз назар гузаронида, чанд намуна ва далел меоранд.

А. Мирзоев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Ғафуров. Грамматикаи забони тоҷикӣ Синтаксис, саҳ. 62,

Б. Ниёзмуҳаммедов, Ш. Ниёзӣ. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис, саҳ 83,

Ш.Рустамов. Ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Маҷмӯаи «Масъалаҳои забоншиносии тоҷик», саҳ. 48. М.Н. Қосимова, Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик. Саҳ, 33, 66, 73, 75, 24.

Д.Тоҷиев. Калимаҳои бо пайвандакҳо ҳамнисбат дар забони адабии тоҷик саҳ 221.

Субҳон Атобуллоев. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии ҳозираи тоҷик – 1973, саҳ. 110, 128 – 132, 138.

Х. Хусейнов. Ҷумлаи мураккаби тобеъ… с. 104. С.Атобуллоев.

Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷумлаи бешахс дар забони адабии ҳозираи тоҷик. «Маориф ва маданият» №1, №2.

Грамматикаи забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ. 1986, саҳ 201.

Д. Тоҷиев. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба, саҳ. 16.

М. Набиев. Забони адабии ҳозираи тоҷик, с.43.

М. Истамова Забони адабии ҳозираи тоҷик. 2011. Саҳ

## 1.1.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз пайрави пуркунан

Ҷумлаи пайрави мубтадо зоҳиранд бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хеле мушобеҳ аст. Аммо ҳамин ки таркиби сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави мазкур – тарзи ифодаи хабару мубтадо, аъзоҳои пайрави таркиби сарҷумла, вазифаи синтаксисии ҷумлаи пайрав, вазифаи синтаксисии калимаи эзоҳшавандаи сарҷумла, муносибати маъноии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ва монанди инҳоро дурусттар аз назар гузаронем, ҳамоно фарқ ва хусусиятҳои хоси ин ду ҷумлаи пайрав барҷаста намоён мегардад. Дар ин ҷо баъзе хусусиятҳои умумӣ ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи ҷумлаи пайрави мубтадову пуркунандаро нишон диҳем, то ки тафовути онҳо аз ҳам муайян бошад.

Ҷумлаи пайрави мубтадои намуди дуюм ва сеюм барои эзоҳи мубтадое меоянд, ки ба воситаи ҷонишинҳои ишоратӣ ифода ёфтааст. Гурӯҳи калони ҷумлаҳои пайрави пуркунанда низ ҷонишинҳои ишоратии ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омадаро эзоҳ медиҳанд ва равшан мегардонанд: онҳое, ки **Фирдавсиро бедин ва душмани худ медонистанд**, ҷанозаашро дар қабристони умумӣ намонданд. (Ад.Ватан, синфи VII, 1965, 27); Онҳое, **ки дар мубориза барои саодати инсон ҳалок шудаанд**, ба ҳар наслу авлод аз нав зинда мешаванд (Ф.Муҳаммадиев). Мисолҳо барои ҷумлаи пайрави пуркунанда:

Касе, ки дар ҳаёт дӯсти наздику ғамхоре надорад,

Мисли садафест, ки ба дарун гавҳар надошта бошад. (М.Т)

Ҳар кас онҳоро дангоса гӯяд, дурӯғгӯи бешарм аст (С.А.Куллиёт, 4, 134).

Ҳар кас, ки ба колхоз даромаданро хоҳад, ҳама чизашро рӯйхат карда, оварда, ариза диҳад (Куллиёт, 4, 388).

Ҷумлаҳои пайрави мубтадое, ки бо воситаи калимаҳои пайвандакии **касе ки, ҳар кас ки, ҳар кӣ** бо сарҷумла алоқа пайдо

мекунанд, бо як гурӯҳ ҷумлаҳои пайрав хеле наздик буда, фарқ намудани онҳо аз ҷиҳати шакл дар назари аввал мушкил аст. Ду ҷумлаи мураккаби тобеи зеринро аз назар мегузаронем: Ҳар кас ки дар як гузари хароб як ҳавлии фавқулодда ободро медид, (ӯ) беихтиёр дар дили худ мегуфт.(С.А.К., 5. 133); Ҳар кас, ки ин илмро омӯхтан хост, ӯро ба шогирдӣ **қабул намудам** (Куллиёт, қ 4, 27).

Чунон ки мебинем, мубтадои сарҷумлаи якум ҷонишини **ӯ** ё **вай** буда, ҷумлаи пайрав **ҳар касе ки дар як гузари хароб як ҳавлии фавқулодда ободро медид,** барои эзоҳи он омадааст. Бинобар ин ҳам ҷумлаи пайрави мубтадо ба шумор меравад. Мубтадои сарҷумлаи дуюм, ҷонишини шахси якуми танҳо – **ман** мебошад ва ҷумлаи пайрави **ҳар касе ки ин илмро омӯхтан хост** на барои эзоҳи он, балки барои эзоҳи пуркунандае, ки ба воситаи ҷонишини шахсӣ – ишоратии ӯ ифода ёфтааст, хизмат кардааст. Ин аст ки, аз рӯи вазифаи синтаксисиашон чунин ҷумлаҳои пайравро пайрави пуркунанда номидан лозим аст.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар ҷумлаи пайрави мубтадо таркиби пайвандакии **ҳар кас ки, ҳар кӣ, касе ки** ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав меоянд ва дар айни замон ҳамчун воситаи алоқаи қисмҳои ҷумла хизмат мекунанд: **Ҳар кас ки ба даст афтад, вай** доранда мешуд (Кул.5. 244). Дар ҷумлаи пайрави мазкур **ҳар касе ки** мубтадо аст, мубтадои сарҷумла ҷонишини **вай** мебошад ва маънои пурраи мубтадо дар ҷумлаи пайрав ифода гардидааст.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки дар боло сабт шуданд, манзараи дигар ба назар мерасад. Калимаҳои пайвандакии мазкур дар таркиби ҷумлаи пайрав на вазифаи мубтадои ҷумлаи пайравро, балки вазифаи пуркунандаи онро

адо мекунанд, ки баъзан сурат намеёбад. Онҳо баробари адои вазифаи пуркунандагӣ, инчунин воситаи грамматикӣ – тобеъкунандагиро низ ба ҷо меоранд. Ҷумлаи пайрав қариб ҳамеша дорои мубтадои хос аст. Сарҷумла ҳам соҳиби мубтадои махсус мебошад. Дар таркиби бисёре аз сарҷумлаҳои хели мазкур пуркунанда ба воситаи ҷонишинҳои ишоратӣ (ӯ, вай, он) ва бандакҷонишинҳои соҳибӣ воқеъ мешавад. Дар сурати ифода нашудан ҳам аз рӯи хабар барқарор намудани онҳо мумкин аст.

Хулоса, вазифаи ҷумлаи пайрав дар чунин мавридҳо эзоҳ додан, возеҳ ва пурра гардонидани мазмуни предметии объекти сарҷумла аст. Мисолҳо: Ҳар касе ки ба назди Ҷомӣ меомадааст…, шоири бузург бо ӯ менишастааст (С.Ш.1964.№ 12, 45).

Мо ҳоло ҷумлаҳои пайраверо аз назар гузаронидем, ки таркибҳои пайвандакӣ ҳамчун объект шахсро ифода мекунанд. Акнун ҷумлаҳои пайраверо аз назар мегузаронем, ки таркибҳои пайвандакӣ дар ҳайъати ҷумлаи пайрав ҳамчун мубтадо ва пуркунанда мафҳумҳо ва предметҳои ғайриинсонро ифода мекунанд (ишора менамоянд).

Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо низ таркибҳои пайвандакӣ ду вазифа доранд: дар таркиби ҷумлаи пайрави мубтадо вазифаи мубтадо, дар таркиби ҷумлаи пайрави пуркунанда вазифаи пуркунандаро адо менамоянд. Бинобар ин бештарини ҷумлаи пайрави пуркунанда дорои мубтадои мустақил аст. Агар он ба мубтадои мустақил соҳиб намешуд, таркибҳои пайвандакӣ ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав меомаданд.

Дар ҳолати дуюм ҷумлаи пайрав барои эзоҳи пуркунандаи сарҷумла меояд: Ҳар чӣ (инҳо) аз давлат мебурданд, (онро) (онҳо)… муғатанам медонистанд (саҳ, 38); **Ҳар чӣ ки** (онҳо) медоданд, шукрона карда мегирифт (саҳ, 13); Он чӣ мол доштем, **ҳамаро** сарфа кардам (саҳ,

191); Ҳар чизе ки аз мири хоразмӣ шунидем, ба Мавлоноҳоҷӣ расонидем (С.А.С, 185);

Барои он ки масъала равшан ва мақсад фаҳмотар гардад, тарзи ифодаи мубтадои сарҷумлаи ҷумлаҳои пайрави пуркунандаро, ки аз назар гузаронида истодаем, мухтасар қайд мекунем:

Мубтадои сарҷумла ба воситаи ҷонишини шахси якуми танҳо ман ифода мешавад: **Ҳар кас** маро раҳонад, **ӯро ба ҳар гуна би**кушам (саҳ, 42); Ҳар чӣ хоҳӣ, дареғ надорам (Ҳамон ҷо, 197); Он чӣ ки дар хонаи ман хӯрданд, муҳайё карданд, **ба ту медиҳам**, (Ҳамон ҷо, 202); Ҳар чӣ ки дар бисот буд, баровардам; Ҳар чизе, ки ҷӯраҳо дуруст шуморанд, **ман** қабул дорам (Кул.5.26); Чизе ки дар мавсими пирӣ пои мардӣ тавонад намуд, ё дастгирӣ тавонад кард, **захира нанихҳодам** (с, 43).

Чӣ тарзе ки аз мисолҳо ошкор аст, ҳамаи ҷумлаҳои ба зерашон хат кашидашуда сарҷумла буда, мубтадояшон ҷонишини **ман** аст. Дар сурати ифода наёфтани ҷонишини мазкур, онҳо аз рӯи хабари феълии сарҷумла, ки бо бандаки феълии **–ам** сурат меёбад, пайдо кардан душвор нест. Пуркунандаи эзоҳшавандаи сарҷумла низ дар бештари мисолҳо ифода наёфтааст, вале онро нависанда, гӯянда ва шунаванда ҳамеша дар назар дорад ва тасаввур менамояд. Дар ин ҷумлаҳо мубтадои ҷумлаи пайрав ҳар гуна ифода ёфтааст. Дар мисолҳои 1,2 ва 6–ум мубтадои ҷумлаи пайрав худи таркибҳои пайвандакӣ мебошанд. Дар мисоли 2 – юм ҷонишини шахси 2–юми танҳо **ту,** дар мисоли сеюм ҷонишини шахси 3–юми ҷамъ **онҳо** ва дар мисоли панҷум исми **ҷӯраҳо** мубтадо шудаанд. Ба ин тариқ, дар мисолҳои 2 ва 6–ум таркибҳои пайвандакӣ ба вазифаи мубтадои ҷумлаи пайрав, аммо дар мисолҳои 2,3 ва 5–ум ба вазифаи пуркунанда омадаанд.

Ифодаи мубтадои сарҷумла бо ҷонишини шахси 2–юми танҳои **ту: ҳама чиз ки дар олам аст,** ту **онро донӣ**; Он чӣ ман дидам, **ту** низ бубинӣ (1, 26).

**Кунун ҳар чӣ гуфтам,** ҳама гӯш дор,
Суханҳои хуб андар оғӯш дор.
(Ф.Ш.Ҷ.4, 151).

Бад–ӯ гуфт хоҳон: Бирав пеши ӯй,
Сухан ҳар чӣ бояд, ҳама нарм гӯй.
(Ҳамон ҷо, 155).

Дар ин мисолҳо, ки мубтадои сарҷумла бо ҷонишини шахсии ту ифода ёфтааст, ҷумлаи пайравашон низ дорои мубтадои ҳархела аст. Дар мисолҳои 2–юм ва 3–юм мубтадои ҷумлаи пайрав ҷонишини шахси якуми танҳо буда, дар мисоли аввал худи таркиби пайвандакии **ҳама чиз** ки мубтадо шудааст.

Дар байни ин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мисолҳое дучор меоянд, ки ҳам мубтадои сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайравашон бо ҷонишини шахси дуюми танҳо ифода меёбад; Он чӣ ба худ маписандӣ, онро ба кас маписанд; ҳар чӣ осон ёфтӣ, осон аз даст бидиҳӣ; Ҳар чӣ осон ёфтӣ, осон диҳӣ; Ҳар чӣ бар нафси хеш написандӣ, низ бар дигарон маписанд; Ҳар чӣ корӣ, ҳамон медаравӣ.

Бо ҷонишини шахси 3 – юми танҳо ӯ (вай, он) ифода ёфтани мубтадои сарҷумла: Ҳар чӣ бар мизоҷи мардум рост ояд, **он** дар лафз орад (К.49); Он чӣ ба гӯш хуш ояд, **онро** шунавад (К.33). Дар ин ҷо ҳаминро қайд кардан даркор аст, ки ҳарчанд мубтадои сарҷумла чун мубтадои ҷумлаи пайрави мубтадо бо ҷонишини шахси 3 – юми танҳо ӯ (вай, он) ифода ёбад ҳам, ҷумлаи пайрав ба он муносибате надорад. Балки пайрав тобеи пуркунандаҳоест, ки бо ҷонишинҳои ишоратӣ ва

ҷонишини ҷомеи ҳама ифода ёфтааст. Бинобар он байни хабару мубтадои сарҷумла онҳо бо хабару мубтадои ҷумлаи пайрав мувофиқат вуҷуд надорад.

Бо ҷонишини шахси 2–юми ҷамъ ифода ёфтани мубтадои сарҷумла: Ҳар кӣ илм бештар дорад (шумо), ӯро бузург доред (саҳ, 55); Ҳар кӣ аз омӯхтани илм нанг дорад, (шумо) ӯро мардум машморед (Ҳамон ҷо).

Бо ҷонишини шахси шахси 3–юми ҷамъ – **онҳо** ифода ёфтани мубтадои сарҷумла: **ҳар кас ки омад, зуд бемораш мекунанд** (С.А.К.5, 261); Ҳар чизеро ки дар қалъа ҳаст, ба киштиҳои сарпӯшида бор карда онҳоро барои сафар тайёр кунанд (Кул.5, 188).

**Ҳар кӣ оҳанги сабуксорӣ кунад,**
Аз вай **оби рӯй** безорӣ кунад.
(Халқ).

Он кӣ каззоб асту мегӯяд дурӯғ,
Нест **ӯро** дар вафодорӣ фурӯғ.
(Аттор).

Он чиро ки дасти чап метавонад,
Чаро дасти рост натавонад.
(Зарб, 142).

Чунон ки аз мисолҳои боло мебинем, мубтадои сарҷумлаи пайрави пуркунандаи навъи қайдшуда бо роҳ ва тарзҳои мухталиф ифода меёбад. Чунин ҳолатро дар сарҷумлаи пайрави мубтадо ҷустан мумкин нест. Мубтадои онҳо, ба тарзе ки қайд шуд, асосан ба воситаи ҷонишини ишоратӣ ва шахси 3–юми танҳо ифода меёбаду бас.

Мубтадои ҷумлаи пайрав, ки бештар таркибҳои пайвандакианд, бо мубтадои сарҷумла аз рӯи шахсу шумора мутобиқат доранд.

Мавридаш аст, ки боз як хусусияти хоси сарҷумлаи пайрави пуркунандаи намуди мазкурро зикр намоем. Сарҷумлаи қисме аз ин қабил ҷумлаҳои пайрав дар шакли ҷумлаи соддаи яктаркибаи бешахс ифода мегарданд. Онҳо бештар дар таркиби худ пуркунандаи бевосита дошта метавонанд. Дар сурати набудани чунин пуркунанда хабари сарҷумла, ки бо феълҳои гузаранда (бештар дар шакли масдар меоянд) ифода мешавад, пуркунанда талаб мекунанд. Ҷумлаи пайрав бошад, бо эзоҳ додани объекти бо ҷонишин ифодаёфтаи сарҷумла мазмуни онро аниқ менамояд ва ё худи ҳамон объектро равшану барқарор мекунад: Он чиро ки бо андешаву ҳила месозанд, аксар вақт ба зӯру қувват ба даст овардан мумкин нест (саҳ, 42); Он чиро, ки ба ҳила кардан мумкин аст, ба қувва мумкин набошад (Ҳамон ҷо, 42). Чунон ки дар мисоли дуюм мебинем, ҳатто мутобиқан ба сарҷумла ҷумлаи пайрав «он чиро ки ба ҳила кардан мумкин аст» низ дар шакли ҷумлаи соддаи яктаркибаи бешахс омадааст, ҳол он ки ин ҳолатро дар ҷумлаи пайрави мубтадо дидан мумкин нест, зеро дар он таркибҳои пайвандакӣ чун мубтадо хизмат мекунанд. Таркибҳои пайвандакӣ дар ҷумлаҳои боло вазифаи пуркунандаро ба ҷо меоранд: он **чӣ** бо тадбир тавон кардан, бо зӯру зар натавон кард.

Умуман, хусусияти асосии чунин ҷумлаҳои пайрави пуркунанда аз он иборат аст, ки дар таркиби сарҷумла ҷонишинҳои ишоратӣ ва шахси 3–юми танҳо ба вазифаи мубтадо намеоянд. Онҳо ҳамчун пуркунанда ё ифода меёбанд, ё тасаввур мешаванд. Мубтадои сарҷумла ё мубтадои ҷумлаи пайрав аст (зеро ҷумлаи пайрав ҳам дорои мубтадои мустақил мебошад ва таркибҳои пайвандакии **ҳар кас, ҳар**

**кӣ, касе ки, чизе ки, он чӣ, ҳар чӣ** на ҳамчун мубтадои ҷумлаҳои пайрав, балки ҳамчун пуркунандаи он зикр меёбанд) ё мубтадои махсусе меояд, ки он ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода ёфтааст.

Ҷумлаи пайрави пуркунанда барои эзоҳи пуркунандаҳои ба воситаи бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифодаёфтаи сарҷумла меояд:

Ҳар он кас ки шуд комрон дар ҷаҳон,

Парастиш кунанд**аш** кеҳону меҳон.

(Ф., Ш., Ҷ., 22., 227)

**Ҳар кас аз аҳолӣ ба муқобили инҳо дам занад,** аз дами теғ… мегузаронанд**аш** (Кул.2, 341); **Ҳар кас ки поя ва нисбати худро** фаромӯш кунад, ба ёд**аш** маёред (Кул.112);

Ҳар он кас ки шеъри маро кард паст,

Нагирадаш гардуни гарданда даст.

(Фирдавсӣ).

Ба ин тариқ, як намуди ҷумлаи пайрави пуркунанда пас аз сарҷумла воқеъ гардида, бо ёрии таркибҳои **ҳар кӣ, ҳар чӣ, он чӣ** ва монанди инҳо бо сарҷумла алоқаманд мегардад ва бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифода ёфтаро эзоҳ дода, конкрет мекунад.

Ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи дуюм баъд аз мубтадои сарҷумла – калимаи эзоҳшаванда омада, дар мобайни сарҷумла воқеъ мегардад: онҳо, **ки задандӣ ҳама дам лофи худоӣ**, карданд гадоӣ (Кул,4).

Як гурӯҳ ҷумлаҳои пайрави пуркунанда низ баъд аз пуркунандаи ба воситаи ҷонишини ишоратии **онҳо** ифода ёфта омада, дар байни сарҷумла ҷой мегиранд. Аксарияти чунин пуркунанда пуркунандаҳои бавосита буда, бо ёрии пешояндҳои аслии **ба, аз** сурат меёбанд: Ҳатто ба онҳое, ки ба пеши ӯ ариза бардошта медаромаданд, ҳазилу мазоқ

мекард (Ҷ, И, Ш, 52); **Яке аз онҳо** ки пирамарди ҳамидақомат буд, оби дидаашро зуд пок карда, ба даҳони Пӯлод нигоҳ кард (Р.Ҷовид, 46).

Ба ҳамин тариқ, дар ҷараёни омӯзиши ин қабил ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бояд чунин нишонаву аломати қисмҳои ҷумлаи пуркунанда ба ҳисоб гирифта шавад: а)пеш аз ҳама, дидан лозим аст, ки калимаҳои ҳамнисбат, эзоҳшавандаи таркиби сарҷумла, яъне ҷонишин ва бандакҷонишинҳо ба кадом вазифа омадаанд: Агар онҳо ҳамчун мубтадои сарҷумла зикр шуда бошанд, ҷумлаи эзоҳдиҳанда пайрави мубтадост ва агар ба вазифаи пуркунанда омада бошанд, пайрави пуркунанда аст; б)агар ҷумлаи пайрави пуркунанда бошад, аксаран бо мубтадои махсусе меояд, ки ба воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода мешавад; в)сарҷумлаи ҷумлаи пайрави пуркунанда ё соҳиби мубтадои махсус аст, ё мубтадои ҷумлаи пайрав, ҳамчун мубтадои он низ истифода мешавад; г)таркибҳои пайвандакӣ кадом вазифаро адо мекунанд. Агар онҳо дар таркиби ҷумлаи пайрави мубтадо оянд, мубтадои ҷумлаи пайрав ва агар дар таркиби ҷумлаи пайрави пуркунанда оянд, пуркунандаи ҷумлаи пайрав мебошад.

Ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хеле монанд аст. Дар байни ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм ва ҷумлаи пайрави пуркунанда чунин фарқҳоро мушоҳида намудан мумкин аст:

1)Сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи мазкур аз ҷиҳати таркиб ҷумлаи дутаркиба аст. Дар таркиби сарҷумла аксаран мубтадо ифода нашавад ҳам, онро, чунон ки гуфтем, аз рӯи хабар дарёфт кардан мумкин аст. Ҷумлаи пайрав маҳз барои эзоҳи онҳо меояд: Беҳтар он аст, ки мо байни худ кор кунем (С.А. 298); Мушкилтар ин буд, ки маҳрами розе надошт (С.А.К.1, 209).

Ҷоҳил он аст, ки мунтазир бошад,
Ки аз ин қувва комёб шавад. (А.Лоҳутӣ).

Ин маълум аст, ки таҷрибаи ҳар кас дар ҳар кор дар охирҳои умраш ба камол мерасад (С.А.Ёд.Қ.I, саҳ. 7); Хурсандибахш аст ин, ки ба ҳайати аъзоёни команда духтарони миллатҳои маҳаллӣ низ дохил шудаанд.

Сарҷумлаи ҷумлаи пайрави пуркунандае, ки ба ҷумлаҳои пайрави мубтадои боло мушобеҳ аст, аз ҷиҳати сохт ҷумлаи соддаи яктаркибаи бешахс аст. Дар сарҷумлаи чунин ҷумлаҳои пайрав мубтадо намеояд, ҷумлаи пайрав бошад, ё ба эзоҳи пуркунандаҳои ба воситаи ҷонишину бандакҷонишинҳо ифодаёфта меояд, ё хабари феълии сарҷумларо эзоҳ дода, пуркунандаи дар сарҷумла ифоданаёфтаро равшан ва пурра мегардонад: Дар хулоса ҳаминро қайд кардан даркор аст, ки давлат нисбатан мустаҳкам ва мамлакат аз ҳуҷуми хориҷиён эмин (С.А.К,1, қ. 2.25); Пай бурдан мумкин буд, ки зиндагонии дур аз модар барои вай аз ногувориҳо холӣ нест (С.У., Субҳ, 320).

Агар хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо ба воситаи феълҳои монда ифода шавад, хабари ҷумлаи пайрави пуркунанда ба воситаи феълҳои гузаранда ифода мешавад. Дар ин сурат дар таркиби сарҷумла пуркунандаҳое, ки ба воситаи ҷонишинҳо ва бандак ҷонишинҳо ифода шуда бошанд, намеояд: Дар хат навишта шуда буд, даркор, ки Зиёда тамоман меравад (саҳ. 121); Аз ваҷоҳат ва симои ӯ ҳамлаи лашкари пирӣ дучор гаштааст (Ҷ.И.Д.255); Ҳанӯз аз хотир набаровардаам, ки дар ин маврид, қадре дилам сиёҳ мешуд (С.А.К.87); Амакам ба хотир меорад, ки дар баҳор… бачагони гуруснааш як – ду бор ба назараш омада буданд (Ҷ.И. Саҳ. 174). Чунон ки мебинем, дар

ҷумлаи овардаамон ду мисоли аввал дорои ҷумлаи пайрави пуркунандаанд.

Дар бисёре аз сарҷумлаҳои ҷумлаи пайрави пуркунанда ҷузъи феълии хабари сарҷумла дар шакли масдар меояд. Чунин ҳолатро дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо дидан мумкин нест: Аммо **ҳис кардан мумкин буд,** ки дар вақти харид ӯ кам–кам ҳам бошад, дуздида музди хизматашро мебарорад (С.А. III – IV, 44);

Ин қабил феълҳо дар таркиби хабари ҷумлаи пайрави мубтадо дар шакли феъли ҳол ва бо феъли ёридиҳандаи **шудан**, ки тарзи маҷҳул месозад, меоянд. Дар ин ҳолат гузарандагии бевоситаи амал аз байн меравад ва бинобар он сарҷумла объект талаб намекунад: Дар мактуби мухбир инчунин гуфта мешуд, ки дар баъзе колхозҳои управления ба ҳодисаҳои исрофшавии ғалла роҳ медиҳанд (Р.Ҷ. саҳ. 65); Аз баъзе варақаҳо дида мешавад, ки шоир қофияҳои аҷиб ҷустуҷӯ намудааст (Ҳамон ҷо, саҳ. 167).

Ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи якум, ки бо сарҷумлаи худ ба воситаи таркибҳои пайвандакии ифодакунандаи мафҳумҳои ғайришахс (он чӣ ки ва ғайра) алоқаманд мешаванд ва ҳамаи ҷумлаҳои пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм ба саволи **чӣ** ҷавоб мешавад: **Чизе ки бо** шир даромадааст, фақат бо ҷон мебарояд (саҳ. 276); **Ҳар он чӣ ки** хоҳӣ, ҳамон гардад (саҳ, 38); **Дар ин вақт дар дилам гузашт, ки ман ҳам шоир шуда метавониста бошам ё не?** (С.А., саҳ, 108).

Дар зер доир ба ҷумлаи пайрави пуркунанда намунаҳо меорем, ки онҳо ба саволи **чиро** ҷавоб мешаванд: **Ҳар чӣ** ки хоҳӣ дареғ надорам. **Он чӣ ки дар хонаи ман хӯрданӣ муҳайё кардаанд,** ба ту медиҳам; **Ҳар чӣ ки дар** бисот буд, баровардам; Он чӣ ки мол дошт, ҳамаро бигирифтанд (ҳамон ҷо, саҳ. 222).

Ба ҳамин тариқ, сарҷумла ва ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм бо як қатор хусусиятҳои худ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда монанд бошад ҳам, чӣ аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати вазифаю мазмун аз ҷумлаи пайрави пуркунанда тафовут дорад. Ин тафовутҳо имконият намедиҳанд, ки ҳар ҷумлаи бо таркибҳои ҳар кас, ҳар чӣ ва амсоли инҳо саршавандаро дар ҳама ҳолат ҷумлаи пайрави мубтадо биномем.

## 1.2.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаи пайрави муайянкунанда

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда на танҳо барои эзоҳи аъзоҳои бо исм ифодаёфтаи сарҷумла, балки барои шарҳи муайянкунандаҳои сарҷумла, ки ба воситаи ҷонишинҳои шахсӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифода шудаанд, низ меояд. Инчунин вай бар эзоҳи муайянкунандаи ғайриизофии сарҷумла ба кор бурда мешавад. [37]

Ҷумлаҳои пайрави муайянкунандае, ки барои эзоҳи муайянкунандаҳои ғайриизофии таркиби сарҷумла меоянд, аз ҷиҳати шакл ва таркиб ба гурӯҳи якуми ҷумлаи пайрави мубтадо монанди доранд. Ин аст, ки тафовутгузории байни онҳо басо душвор буда, таснифи ҷумлаҳои пайравро умуман ва ҷумлаи пайрави мубтадоро махсусан мушкил мегардонанд. Алалхусус, ин масъала таълими ҷумлаҳои пайравро як андоза вазнин ва душвор менамояд.

Муайянкунандаҳои таркиби сарҷумла, ки дар ҷумлаи пайрав эзоҳ меёбанд ва онҳо ба воситаи ҷонишинҳои шахсию бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифода ёфтаанд, ё ба субъект ва ё ба объект васл шуда меоянд. Онҳо дар ин маврид вазифаи муайянкунандаи соҳибиро иҷро менамоянд:

1) Барои эзоҳи муайянкунандаҳои бо ҷонишинҳои шахсӣ ифода ёфта омадани ҷумлаи пайрави муайянкунанда: К**асе ки ба халқ хизмат кунад**, обрӯю эътибори **вай** баланд мешавад.

**Он кӣ дар банди дилозорӣ бувад,**
Дар уқубат кори ӯ зорӣ бувад.
(Халқ).

**Касе к–ӯ ҷоҳил аст андар танаъум,**
Матои ӯ бувад ҳар дам баҳоӣ.
(Ҳофиз)

Барои эзоҳи муайянкунандаҳои бо бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифодагардида омадани ҷумлаи пайрави муайянкунда:

**Ҳар кӣ оинаи софе нашуд аз занги ҳаво,**

Дидааш қобили рухсораи ҳикмат набувад.

(Ҳ,К, 174)

Ҳар кӣ тааммул накунад, дар ҷавоб бештар ояд суханаш носавоб (С.Г); **Ҳар касе ки «Наводир ул вақоеъ»–ро мехонад**, дар пеши назар**аш** олами наве ҷилвагар мешуд (С.А, Ёдд. с, 53); То абад бӯи муҳаббат ба машомаш нарасад, **ҳар кӣ хоки дари майхона** ба рухсора нарӯфт (К.саҳ,97).

Барои эзоҳи муайянкундаҳои ғайриизофии сарҷумла омадани ҷумлаи пайрави муайянкунанда: **Ҳар касе ки дар арк онро пайдо карда бошад, худи ҳамон кас** тоза кардан гирад (Ҷ., И., Д., саҳ, 558); **Ҳар кас ки худашро таърифу тасниф кунад, аз он кас** даст шӯед (Ҳамон ҷо, саҳ, 247); **Ҳар касе ки дар вақти ин бозӣ дар мавриди тасдиқ ва қабули сухани яке аз иштироккунандагон «ҳа» гӯяд, ин кас** бой додагӣ ҳисоб меёфт (Кул., 320); **Ҳар касе ки Мирзобайрамро дастгир карда ба ӯ супорад,** ҳамсанги сари мирзои мазкур **ба он кас зар** диҳад (С.А., К., 137).

Ба ҳамин тариқ, далелҳои овардаамон тасдиқ мекунанд, ки ҷумлаҳои пайраве, ки бо таркибҳои **ҳар кӣ, ҳар кас ки, ҳар чиз ки** ва монанди инҳо ба сарҷумла тобеъ мешаванд, на танҳо ҷумлаи пайрави мубтадову пуркунанда, балки ҷумлаи пайрави муайянкунанда низ шуда меоянд.

Тафовути чунин ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда аз ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи якум аз зайл иборат аст:

Ҷумлаи пайрави мубтадо барои эзоҳи мубтадои ба воситаи ҷонишинҳои шахсӣ – ишоратии шахси 3 – юм ифода шудаи сарҷумла меояд. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаи навъи мазкур, чунон ки дидем, барои шарҳу эзоҳи муайянкунандаҳои соҳибии бо ҷонишинҳои шахсӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва муайянкунандаҳои ғайриизофӣ ифодаёфта ба кор бурда мешавад.

Агар хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо танҳо дар шахси сеюми танҳо ифода шавад, хабари сарҷумлаи ҷумлаи пайрави муайянкунда дар шахси дуюми танҳою ҷамъ низ ифода мегардад.

Агар мубтадои сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи якум танҳо ба воситаи ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо ифода шавад, мубтадои сарҷумлаи ҷумлаи пайрави муайянакунанда ба воситаи исмҳо ва дигар ҷонишинҳо ҳам ифода мешавад, ки бештар дар таркиби худ муайянкундаи соҳибӣ доранд ва ҷумлаи пайрав маҳз ба шарҳи чунин муайянкундаҳо меояд: **Ҳар кас ки миршабро бинад, дилаш аз санг мешавад** (Ҷ., И., Д., саҳ. 268). Ин ҳодиса яке аз далелҳои муҳимест, ки чунин ҷумлаҳои пайравро аз гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави мубтадои якӯм фарқ мекунонад ва ба онҳо махсусият бахшида, вазифаи синтаксисии ҷумлаи пайравро равшантар менамояд:

Дар аснои ба ҷумлаи содда баргардонидани ҷумлаи пайрави муайянкунанда чунин ҳодисае рӯй медиҳад, ки онро дар ҷумлаи мураккаби тобее, ки дорои пайрави мубтадост, дидан мумкин нест.

Барои намуна ҷумлаҳои пайрави зеринро ба ибора бармегардонем. Ҳам ҷумлаи пайрави мубтадо (1) ва ҳам муайянкунанда (2) ба ибораи сифати феълӣ мегузаранд, аммо иборои мазкур дар ҷумла вазифаҳои гуногунро адо мекунад.

**Ҷумлаи пайрави мубтадо**

1.Ҳар кас ки ба ҳукумат содиқона хизмат кунад,… ҳамеша гули сари сабати ҳукуматдорон аст (Кулл. ҷ.4. 275).

2. Ҳар кас ки аз ин фармоиш гарданкашӣ кунад..., сараш подшоҳӣ мешавад (Кул., ҷ. 4. 212).

**Иборои сифати феълӣ**

Шакли соддаи он:

Каси ба ҳукумат содиқона хизматкунанда (ё хизмат мекардагӣ) ҳамеша гули сари сабати ҳукуматдорон аст.

Шакли соддаи он:

Сари (каси) аз ин фармоиш гарданкашӣ мекардагӣ подшоҳӣ мешавад.

1.Ҳар кас ки ба ҳукумат содиқона хизмат кунад,… ҳамеша гули сари сабати ҳукуматдорон аст (К., 2, 275). Шакли соддаи он: (каси) ба ҳукумат содиқона хизматкунанда (ё хизмат мекардагӣ) ҳамеша гули сари сабати ҳукуматдорон аст.

2. Ҳар кас ки аз ин фармоиш гарданкашӣ кунад…, сараш подшоҳӣ мешавад (Ҳамон ҷо, 212). Шакли соддаи он: сари (каси) аз ин фармоиш гарданкашӣ мекардагӣ подшоҳи мешавад.

Чунон ки аз мисолҳо равшан аст, дар мисоли якум тағйироти ҷиддие дар ҷобаҷошавии аъзоҳои ҷумла ва худи ҷумлаҳо ва дар сохти онҳо ба вуҷуд наомад. Ҳамаи он табдилу тағйирот чунин аст: Ҷонишини **ҳар** ва пайвандаки **ки** партофта шуданд. Феъли ёридиҳандаи дар шакли аорист омадаи ҷумлаи пайрав ба шакли сифати феълӣ, ки замони ояндаро далолат мекунад, бадал шуд. Ибораи сифати феълӣ, **ба ҳукумати мо содиқона хизматкунанда** мубтадои ҷумлаи содда шуд. Дар ҷумлаи дуюм масъала ранги дигар мегирад: мубтадои сарҷумла **сар** ба ҷои аввал мегузарад; аз таркиби мубтадои сарҷумла муайянкунандаи он–**аш** меафтад, зеро вазифаи он ба зиммаи ҷумлаи пайрав – ибораи сифати феълӣ мегузарад: аз таркиби ҷумлаи пайрав ҷонишини **ҳар** ва пайвандаки **ки** меафтанд: Феъли ёридиҳандаи хабари ҷумлаи пайрав аз шакли аорист ба шакли сифати феълии замони ҳозира–оянда–**мекардагӣ мегузарад**.

Ба ҳамин тариқ, дар аснои ба иборaи сифати феълӣ баргардонидани ҷумлаи пайрави мубтадо иборaи сифати феълӣ ба вазифаи мубтадои ҷумлаи содда, дар пайрави муайянкунанда бошад, ҷумлаи пайрави ба ибора баргаштаи **аз ин фармон гарданкашӣ мекардагӣ** ба вазифаи муайянкунандаи мубтадои сарҷумла – **сар** омадааст. Дар зер боз ду ҷумлаи пайрави муайянкундаро ба иборaи сифати феълӣ табдил медиҳем.

1.Ҳар кас ки ба зорию лобаи душман фирефта шавад ва бар хасисии бадгавҳарон эътимод раво дорад, сазои ӯ ин аст. **Сазои** (каси) **бо зорию лобаи душман фирефта шаванда ва бар хасисии бадгавҳарон эътимод раводоранда ин аст.**

2. Ҳар кӣ бо мардумон хиёнат кунад, оқибаташ номаҳдуд бувад.

Оқибати **бо мардумон хиёнаткунанда номаҳдуд** бувад.

Хулоса, навъҳои мазкури ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва муайянкунанда аз ҷиҳати сохт ба ҳам як андоза монанд ва наздик бошанд ҳам, аз ҷиҳати вазифа ва аз рӯи тарзи ифодаи мубтадову хабар, объекти муайянкундаҳои таркиби сарҷумлаю ҷумлаи пайрав аз ҳам фарқи калон доранд. Ин ҳол имконият намедиҳад, ки ҳамаи ҷумлаҳои гуногунвазифаю гуногунмаъноро зери як мафҳуми грамматикӣ дохил карда, бо ҳамин омӯзиш ва таълими забони модариро душвор гардонем. Инчунин аз мисол ва хулосаҳои боло равшан мешавад, ки вазифаи ҷумлаи па йрави муайянкундаро танҳо бо хулосаи исми сарҷумларо эзоҳ додани он маҳдуд кардан мумкин нест. Бояд ба назар гирифт, ки ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба шарҳи яке аз исмҳои сарҷумла, ки вазифаи аъзоҳои мухталифи онро адо мекунад, ҳам ба шарҳи муайянкунандаҳое, ки бо ҷонишинҳои шахсию ишоратӣ ва бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифода меёбанд, омада, пеш аз сарҷумла воқеъ мегардад.

## 1.3.Тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаи пайрави шартӣ

Дар байни ҷумлаҳои пайраве, ки бо таркибҳои пайвандакии **ҳар кас ки** ва **ҳар кӣ** ба сарҷумла тобеъ мешаванд, ҷумлаҳое мавҷуданд, ки аз рӯи вазифаи синтаксисӣ ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави шартӣ дохил мешаванд. Фарқи чунин ҷумлаҳои пайрави шартиро на аз рӯи сохт ва таркиби ҷумлаи пайрав, балки асосан аз рӯи тарзи ташаккули сарҷумла ва муносибати ҷумлаи пайрав ба он муқаррар намудан мумкин аст. Мубтадои сарҷумлаи ин хел ҷумлаҳои пайрави шартӣ бо исм,

таркибҳои изофию ғайриизофӣ, ҷонишини шахси якуми танҳо ифода меёбад. Хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист ва хабари сарҷумла қариб асосан дар шакли ҳикоягии замони ҳозира–ояндаи сиғаи хабарӣ ифода мешавад. Шарти иҷрои амали сарҷумла дар ҷумлаи пайрав баён мегардад. Барои равшантар шудани масъала ду мисолро бо ҳам муқоиса намуда, фарқи онҳоро нишон медиҳем:

Пайрави мубтадо: Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад, бой додагӣ ҳисоб меёбад (Кул.4, с. 533).

Пайрави шартӣ: Ҳар кас ки бештар кор кунад, ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад.

Дар мисоли якум – сарҷумла: бой додагӣ ҳисоб меёбад, ҷумлаи пайрави он: Ҳар кас ки бештар кор кунад.

Пайрави мубтадо: Ҳар кас ки ҷавоб дода натавонад бой додагӣ ҳисоб меёбад. Вазифаи ин ҷумлаи пайрав асосан иборат аз равшан гардонидани ва нишон додани хислати асосии шахсест, ки мубтадои сарҷумла ишорат намудааст.

Дар мисоли дуюм сарҷумла ҷузъи **ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад** буда, ҷумлаи пайраваш **ҳар кас ки бештар кор кунад** мебошад. Ин ҷо ҷумлаи пайрав барои эзоҳи яке аз аъзоҳои сарҷумла (аниқтараш, мубтадо, пуркунанда, ё муайянкунанда) наомада, балки шарти воқеъгардии **бештар музд гирифтани** касе нишон додааст, ки он ба зикри номи ҳар кас аз ҷониби касе алоқаманд мебошад.

Агар дар чунин маврид аз рӯи хусусиятҳои грамматикӣ ва вазифаҳои қисмҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баромад накунем, муайян кардани хели ҷумлаҳои пайрав душвор мешавад. Ва агар баръакс танҳо мантиқ ва маънои ҷумлаҳоро ба назар гирем, онгоҳ зарур мешавад, ки хоҳу ноҳоҳ ҳар ҷумлаи бо **ҳар кас ки** саршавандаро ҷумлаи

пайрави шартӣ номидан бигирем, зеро, чӣ тавре ки дидем, хабари бештари ҷумлаҳои пайрави мубтадои навъи мазкур бо сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ ифода шуда, ба ҷумлаи пайрав тобиши шартии маънои мебахшанд.

Фарқи дигари ба назар намоён ва чун меъёр хизматкунанда тарзи ифодаи мубтадо ва хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрави шартии навъи зикршуда мебошад.

Мубтадои ҷумлаи пайрав ҳамеша таркибҳои пайвандакии **ҳар кас, ҳар кӣ, кадом касе ки** буда, хабараш аз рӯи шахсу шумора бо онҳо мувофиқати том дорад. Мубтадои сарҷумла бо исм ва ҷонишинҳои ғайри шахси сеюм ва инчунин таркибҳои гуногуну ибораҳо ифода меёбад. Хабар низ мувофиқи шахсу шумораи он зикр мегардад: Ҳар касс ки худашро таърифу тавсиф кунад, аз он кас даст шӯед (саҳ, 227).

Чунин вазъиятро дар сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо намебинем, зеро мубтадои вай асосан ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо буда, аз рӯи шахсу шумора бо мубтадову хабари ҷумлаи пайрав мутобиқу мувофиқ аст. Дар забони адабӣ ҳодисаи бо пайвандаки шартии **агар** ташаккул ёфтани чунин ҷумлаҳои мураккабро низ мушоҳида мекунем, ки мубтадои сарҷумлаашон ҳамчун мисолҳои дар боло аз назар гузаронидаамон ифода меёбад. Ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки ҳақиқатан ин хел ҷумлаҳои пайрави шартӣ аз ҷумлаи пайрави мубтадои навъи якум фарқи муайяне доранд: **Лекин агар ҳар кас боз пахтакашӣ карданро хоҳад, нимаи қарз** бахшида мешавад (Кул. 4, 97); **Агар ҳар кас ба ихтиёри худ шавад, инҳо** аз гушнагӣ мемиранд (Кул. 4, 217); Агар касе дар он ҷо ҳайвонро барад, пояшро зада мешикастанд (Кул. 5, 96)

## БОБИ ДУЮМ

### 2. тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо

Илми забоншиносӣ исбот мекунад ва далелҳои забони адабӣ тасдиқ менамояд, ки қариб аксарияти ҷумлаҳои пайрав ба ғайр аз вазифаи асосии худ, ки аз эзоҳ додан ва возеҳ намудани ягон хусусияти сарҷумла иборат аст, дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ низ мебошанд.

Дар ҷумлаҳои пайрав тобишҳои маъноии сабаб, натиҷа, шарт, замон, муайянкунандагӣ аз ҳама бештар ва равшантар мушоҳида мешаванд.[38] Мавҷудияти чунин ҷилоҳои маъноӣ дар ҷумлаи пайрав қонунист ва яке аз хусусиятҳои барҷастаи забон ба шумор мераванд. Чунон ки диалектикаи марксистӣ тасдиқ ва исбот намудааст, дар олам ҳодисае нест, ки бо сабаби муайяне, бо шартияти аниқе воқеъ нагардад. Ҳар он чӣ ки мавҷуд аст, воқеист, воқеият оқибат ва натиҷаи ҳамон сабаб ва ҳамон шарт буда, дар навбати худ боз ба сабаб ва шарт тадбил ёфта, боиси пайдо шудани чизи дигар, чизи нав мегардад. Ҳамаи ҳамин процессҳо дар забон инъикос меёбанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ агар дар сарҷумла сабабу шарт ифода шуда бошад, дар ҷумлаи пайрав оқибати он, натиҷаи он (хоҳ вай воқеъ гардида бошад ва хоҳ ҳоло дар ҷараён бошад ва ё дар оянда воқеъ гардад) ифода меёбад. Ва ё баръакс дар ҷумлаи пайрав сабабу шарт ифода шуда бошад, оқибатро сарҷумла нишон медиҳад. Ин чиз хусусияти доимӣ, дохилӣ ва муҳимтарини ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст. Аз ин рӯ, чунин хусусияти доимӣ ва дохилии ҷумлаи пайравро дар грамматика ба дараҷаи аввалин бардоштан мумкин нест. Агар ҳамин тавр муносибат карда шавад, он гоҳ вазифаи грамматикии ҷумлаи пайрав аз назари муҳаққиқ дур ва пинҳон хоҳад шуд. Ба фикри мо, дар баробари муайян намудани вазифа ва моҳияти асосии ҷумлаи пайрав муносибати он бо сарҷумла,

тобиши маъноии онро то андозаи муайян омӯхтан ва муқаррар намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ин чиз имконият медиҳад, ки ҳатто ҷиҳатҳои нозуктарини ҷумлаҳои пайрав ҳам равшан гардонда шавад.

Дар ҷумлаҳои пайрави мубтадо тобиши маъноии шартӣ, натиҷагӣ ва сабабӣ хеле зиёд аст ва дар баъзе мавридҳо ҷумлаи пайрави мубтадоро бо ҷумлаи пайрави шартӣ, натиҷа ва сабаб омехтан мумкин аст.

Ана барои ҳамин ҳам доир ба масъалаи мазкур фасли алоҳида ҷудо кардем, то ки тобиши маъноии ҷумлаи пайравро, ки ҳамеша хусусияти дуюмдараҷа дорад, аз вазифаи асосии грамматикии он фарқ кунем.

а). **Тобиши шартии маъноӣ** ифода намудани ҷумлаи пайрави мубтадо.

Тобиши шартии маъноӣ аз ҳама зиёдтар дар ҷумлаҳои пайрави гурӯҳи якум мушоҳида мешавад. Сабаби асосии дорои чунин тобиши маъноӣ будани ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи мазкур дар он аст, ки хабари ҷумлаи пайрав қариб ҳамеша дар шакли аорист ифода мешавад: **Ҳар кӣ ба ҷамоли ман дида афрӯзад,** чашми тамаъ дар висоли ман дӯзад (Ҷ.Б., 48); Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад (С., Г., 1969), 442); **Ҳар кас суди охир хоҳад ба зиёни аввал розӣ мешавад** (Н.В., 2, 143); Касе ки ақли заиф дорад, ростгӯ шуда наметавонад (М.М., 1963, 26–Х).

Аз ҷумлаҳои мураккаби тобеи боло ҷумлаи охиринро аз назар мегузаронем. Хабари сарҷумла дар шакли аорист **«дорад»** (дошта бошад) ифода ёфтааст, ки маҳз тобиши шартӣ ба он вобаста аст. Ба ин муносибат ҳатто аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав чунин савол гузоштан

ҳам мумкин аст: Ӯ (ба кадом шарт) ростгӯ шуда наметавонед? Агар касе ақли заиф дорад (дошта бошад). Ин, албатта, вазифаи ҷумлаи пайрав нест. Ҷумлаи пайрав ҷонишини шахсӣ – ишоратии ӯ–ро, ки бо вуҷуди номазкурӣ тасаввур мешавад, шарҳ дода истодааст.

Азбаски хабари ҷумлаи пайрав дар шакли аорист (аксаран) ифода мешавад ва он ба ҷумлаи пайрав тобиши шартӣ мебахшад, бинобар он чунин ақидае низ мавҷуд аст, ки пайвандаки **ки** ба вазифаи пайвандаки шартӣ омадааст. Тарафдорони ин фикр барои исботи даъвои худ пайвандаки мазкурро аз ҷумла гирифта, ба ҷои он дар аввали ҷумла пайвандаки шартии **агар**–ро, ки мазмуни умумии ҷумлаи пайрав (яъне тобиши маъноӣ) онро қабул мекунад, меоранд.

Бо ҳамин онҳо вазифаи асосии ҷумлаи пайравро, ки иборат аз нишон додани маънои конкрети мубтадои сарҷумла **(ӯ)** аст, аз назар дур мекунанд ва як навъи ҷумлаи пайравро бо навъи дигар омезиш дода, ба ҳастии чунин ҷумлаҳои пайрави мубтадо шак меоранд.

б) **Тобиши муайянкунандагии маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо.** Азбаски ҳамаи ҷумлаҳои пайрави гурӯҳи якум ва дуюм ба ибораи сифати феълӣ бармегарданд, як андоза тобиши муайянкунандагии маъноӣ ифода мекунанд. Тобиши муайянкунандагӣ дар ҷумлаҳои пайрави гурӯҳи дуюм махсусан бештар ба назар мерасад. Ҷумлаи пайрав бо эзоҳи мубтадои ба тавассути ҷонишини ишоратии **он (онҳо, онон)** ифодаёфтаи сарҷумла гурӯҳи муайяни шахсонро нишон дода, муайян мекунад: Онҳое, ки тирандозиро ба тозагӣ омӯхта буданд, дар дасти худ каланд, бел, табару теша барин асбобҳои деҳқониро гирифта, дар ҷои қувваи эҳтиётӣ истоданд (С.А., К., 4,300).

в) **Тобиши натиҷагии маъноии ҷумлаи пайрави мубтадо.** Ба тобиши натиҷагӣ асосан ҷумлаҳои пайрави гурӯҳи сеюм моликанд.

Чунон ки зикраш гузашт, ҷумлаи пайрави гурӯҳи сеюм асосан дар ҷои дуюм, пас аз сарҷумла, хамчун натиҷа ва оқибати амалу фикри дар сарҷумла зикр шуда воқеъ мегардад: Аз мазмуни мактубат аён гардид, ки ту аз паҳлӯи рости моён он қадар дур нестӣ (А.В., 1, 272); Аз он ҳодисаҳо ба хубӣ маълум мешавад, ки одамкушӣ дар пеши он ҷаллод аз гӯсфандкушӣ осонтар аст (С.А., К., 4, 200).

Ба ҳамин тариқ, қариб ҳамаи ҷумлаҳои пайрав дорои тобишҳои гуногуни маъноинанд ва ҳангоми таҳлилу тадқиқ ва таснифи ҷумлаҳои пайрав ин хусусияти онҳоро ҳамчун як чизи ёрирасон ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Профессор Д.Т. Тоҷиев дар бораи тафовути ҷумлаи пайрави натиҷа ва миқдору дараҷа сухан ронда, дар ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа бузург будани тобиши натиҷаро махсус зикр намуда, хулосаи дуруст ва диққатангези зеринро пешниҳод менамояд: «Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ифодаи маънои иловагии натиҷа дар ҷумлаҳои пайрави дигари забони адабии тоҷик низ мушоҳида карда мешавад, **аммо онҳоро ҳам ба қатори ҷумлаи пайрави натиҷа дохил намудан мумкин нест**».[39]

## 2.1. Муносибати ҷумлаи пайрави мубтадо бо ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба ва омехта

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар таркиби худ метавонанд якчанд ҷумла дошта бошанд, ки бо ёридиҳандаҳои мухталифи грамматикӣ ба ҳам пайваст гардидаанд.

Ҳоло дар забоншиносии тоҷик оид ба таснифи ин гурӯҳ ҷумлаҳо ақидаҳои гуногун ва хилофи якдигар мавҷуданд, ки мо дар зер баъзеи онҳоро ҳамчун намуна меорем:

Муаллифони «Грамматикаи забони тоҷикӣ»[40] ба ин намуди ҷумлаҳо чунин таъриф додаанд: «Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки як сарҷумла мавҷуд аст, на фақат як ҷумлаи пайрав, балки ду ва зиёда ҷумлаҳои пайрав омада метавонанд. Дар ин сурат агар ҳамаи ҷумлаҳои пайрав бевосита ба сарҷумла вобаста бошанд, чунин тобеъкуниро ҳам тобеъ ва ҷумлаҳои пайрави онҳоро ҳампайрав меноманд. Агар ҷумлаҳои пайрав ба як савол ҷавоб шуда ва айни як калимаи сарҷумларо равшан кунанд, ҷумлаҳои пайрави ҷида номида мешаванд. Агар ҳар яке аз ҷумлаҳои пайрав ба ҷумлаи аз худ пеш омадагӣ вобаста бошанд, ҷумлаи пайрави дараҷаи якум, дуюм, сеюм ва ғайра номида мешаванд». [41]

Чунон ки аз ин таъриф пайдост, соҳибони грамматика ин хел ҷумлаҳои мураккаби тобеъро асосан аз рӯи вазифаҳои наҳвиашон ба ду гурӯҳ – ба ҷумлаҳои пайрави чида, ки ба ягон аъзои сарҷумла вобастаанд ва ба ҷумлаҳои пайрави дараҷа, ки чун ҳалқаҳои занҷир ба ҳамдигар вобаста буда, яке дигареро аз ягон хусус мавзеҳ медиҳад, ҷудо кардаанд.

Дар грамматикаи забони тоҷикӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки янанд ҷумлаи пайрав доранд, вобаста бо алоқамандии ҷумлаҳои пайрав ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1.«Ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави он чида шуда омадаанд, яъне ҳар кадом, бевосита ба сарҷумла тобеанд.

2.Ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаи пайрави якум бевосита ба сарҷумла, ҷумлаи пайрави дуюм ба пайрави якум, ҷумлаи пайрави сеюм ба пайрави дуюм ва монанди ин, яъне дараҷагӣ тобеъ шуда меоянд.

3. Ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷумлаҳои пайрави он ҳар хел буда, сарҷумларо аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ медиҳанд: Вақте ки ман ин машқи аввалини худро ба падар нишон додам, ӯ хурсанд шуд, чунки дар он хатои намоёне набуд.[43]

Проф. Д.Тоҷиев дар рисолаи худ[44] бар хилофи таснифоти мазкур ин хел ҷумлаҳои мураккаби тобеъро аз ду гурӯҳи зерин иборат медонад:

1.Ҷумлаҳои мураккаби тобее, ки дар онҳо ҳамаи ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла тобеъ буда, онҳоро ҷумлаҳои ҳампайрав ҳам гуфтан мумкин аст.

2. Ҷумлаҳои мураккаби тобее, ки як ё якчанд ҷумлаи

пайрави онҳо ба сарҷумла тобеъ бошанд, ҷумлаҳои пайрави дигарашон ба ҷумлаҳои пайрави гуногун тобеъ мешаванд ва ҷумлаҳои пайрави пай дар пай ё дараҷагӣ ном гирифтаанд.

Ӯ дар айни замон ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибаи гурӯҳи якумро боз ба ду намуд тақсим мекунад, ки намуди якумашро ҷумлаҳои **пайрави чида** ва дуюмашро **ғайричида** меноманд.

Ба назари мо, ин таснифот дурусттар буда, ба меъёри ягона такя мекунад. Дар асоси таснифоти Д. Тоҷиев ҷумлаҳои пайрав, яъне муносибати ба аъзои ташреҳшавандаи сарҷумла доштаи ҷумлаи пйрав ва ё ягон мундариҷаи сарҷумла, ки тавзеҳ мешавад, қарор гирифтааст.

Онҳое, ки бо номи ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайрави ҳархеладор қисме аз ин ҷумлаҳоро ба гурӯҳи махсус ҷудо мекунанд, танҳо вазифаи ҷумлаҳои пайравро ба инобат гирифта, ба чӣ мутааллиқ будани он ҷумлаҳо, хусусиятҳои калима ё ҷумлаҳои эзоҳёбандаро ба назар намегиранд, ки ин ягонагии меъёри таснифотро аз байн мебарад.

Ҷумлаи пайрави мубтадо низ дар ҳалқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба ва омехта омада метавонад. Мо дар ин хусус як маълумоти мухтасаре дода, ҳамчун намуна баъзе далелҳо меорем.

Дар аснои ба қисматҳо ҷудо намудани ин хел ҷумлаҳо ба принсипи таснифоти Д. Тоҷиев, ки, ба назари мо, саҳеҳтар ва ба моҳияти масъала наздиктар аст, такя менамоем.

## 2.2 Ҷумлаҳои пайрави мубтадои чида

Дар таркиби сарҷумла чанд ҷумлаи пайрав омада, асосан ба мубтадои сарҷумла вобаста гардида, онро аз як ҷиҳат эзоҳ дода, ба як савол ҷавоб мешаванд. Одатан, ин хел ҷумлаҳои пайрав бо алоқаи пайваст байни ҳамдигар иртибот пайдо мекунанд. «Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрави чида алоқаи пайваст, байни ҷумлаҳои пайрави чида бо сарҷумла алоқаи тобеъ дида мешавад»[45]. Баъд маълум мешуд, **ки ин ёри навгирифтаи ӯ низ ба ӯ номуносиб аст ва камбудиҳои бисёре дорад, ё ки он зан вайро ба қадри кифоят дӯст намедорад** (Ҷ.И., М., Г., 151).

Рафт он, ки **чашми роҳат хуш меғунуд маро,**
**Ишқ омаду баровард аз сина дуд маро.**
(А. Хисрав, Мунт. 22).

Ёд бод он, ки чу **ёқутқадаҳ ханда задӣ,**
**Дар миёни ману лаъли ту ҳикоятҳо буд.**
(Ҳофиз).

**Ҳар кас ки ба калонҳо, ба қозию ҳокиму қушбегӣ лагандбардорӣ кунад, ҳар кас ки кирдори ношоями онҳоро мадҳу сано гӯяд, ҳар кас ки виҷдони худро ба бевиҷдонҳо фурӯшад,** баобрӯй мешавад. **Аммо ҳар кас ки ҳақиқатро гӯяд, ҳар касе ба ноҳаққӣ тан диҳад,** дар ин мулк зиндагӣ карда наметавонад (Ҷ.И., Д., 212); Аз шаклу шамоилашон маълум мешавад, ки **баъзеашон лақай,**

**баъзе тоҷик ва баъзе афғонанд** (С.А., К., 2, 25); Баъзан ҳодисаи чида шудани сарҷумла низ мушоҳида мешавад:

Ҳар кӣ ду зан мекунад, **охир пушаймон мешавад,**

**Аз хушомад гуфтани бисёр ҳайрон мешавад.**

**Ҳар дам аз ҷанги занон сар дар биёбон мешавад.**

(Халқ).

Схемааш:



**2.3. Ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида**

Як гурӯҳ ҷумлаҳои пайрави мубтадое ҳастанд, ки сарҷумлаашон эзоҳталаб буда, ҷумлаи пайраве мегиранд, ки одатан пайрави муайянкунанда мешавад: Аз намуда истодани хуни ҳайвонҳое, **ки дар вақти иморати он работ кушта шуда буданд,** маълум мегардад, ки ин иморат ба тохагӣ бино ёфта будааст (С.А., К., 3, 3); Назар ба ҷавобе, ки **пиёда ба ин пурсиши Рӯзимурод дод,** маълум шуд, ки босмачиён то ҳол бештарин яроқи худро аз мамлакати ҳамсоя мегирифтанд (С.А., К., 4, 298). Схемаи ин хел ҷумлаҳои шартан ба тарзи зайл нишон дода мумкин аст:



Ҷумлаҳои пайраве, ки пеш аз сарҷумла омада, онро аз ягон хусус эзоҳ медиҳанд, конкрет менамоянд ва ё барқарор мекунанд. Дар таркиби ин хел ҷумлаҳои мураккаби тобеъ сарҷумла ҳамеша дар мобайн меояд, ки ҷумлаҳои пайрави аз он пеш меомадагӣ тамоми маъноящро эзоҳ медиҳанд ва ҷумлаи пайрави пас аз он меомадагӣ мубтадояшро конкрет менамояд. Аз ҳамин нуқтаи назар, барои ҳар кадом ҷумлаи пайраве, ки пеш аз сарҷумла ояд, алоҳида – алоҳида

намунаҳо меорем. Далелҳо тасдиқ мекунанд, ки ҷумлаҳои пайрави аз сарҷумла пеш меомадагӣ асосан ҷумлаҳои пайрави замон, шарт, сабабу мақсад ва хилоф мебошанд.

1.Ҷумлаи пайрави замон. Ин гурӯҳ ҷумлаҳои пайрав ба тавассути пайвандакҳои **вақте ки, чун, акнун ки, пеш аз он ки, баъд аз он ки, аз бозе ки** бо сарҷумла тобеъ гардида, замони вуқӯи амалу ҳодисаро, ки дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо ифода ёфтааст, муқаррар менамоянд: Вақте ки бо мири қушбегӣ ҳамҳалқа шудем, маълум шуд, ки он шахс ҳам холӣ набудаанд (С.А., К., 2, 47). Нуралӣ чун ба колхоз баргашт, ба хотираш омад, ки дар правления акти қабули молу мулки «Навобод», «Роҳи Нав» ва «Ситораи Сурх» ҳаст (У.Н., 336); Акнун ту ба маҷлиси сулҳ ҳозир нашуда, муқобилати худатро рӯйрост нишон додӣ, беҳтар он аст, ки ба пеши мо наист (С.А., К. 2, 317).

2. Ҷумлаи пайрави шартӣ: Агар роҳи сели ҷӯшон ва оташи хурӯшонро бастан мумкин мебуд, аҷаб набуд, ки муғулон роҳи маро баста тавонанд (С.А., К., 5, 190); Агар дар ҳақиқат он чизи дар баданат пайдо шуда ришта бошад, беҳтар он аст, ки ба ягон сартароши риштакаши ҳунарманд кашида гиронӣ (С.А., К., 7, 531).

3. Ҷумлаи пайрави сабаб барои эзоҳи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо. Ин гурӯҳ ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои модом ки, азбаски, барои он кӣ ва кӣ алоқаманд мегарданд. Азбаски он қасида 35 байт аст, маълум мешавад, ки ҳар байт бо хонӣ ҳисоб карда, ҳадя додаст (С.А., В., 183); Модоме ки Шодигул дар ҳузури падараш ба чунин кори хатарнок ҷуръат кард, маълум мешавад, ки он чиз чизи муҳим аст (У., Н., 154); Худам ки шогирди аълам мебошам, аҷаб нест, ки ба муносибати ин қасида истиқомати он ҳуҷраи холӣ истодаро ба ман диҳад (С.А., К., 7, 568).

4. Ҷумлаи пайрави хилофӣ барои эзоҳи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мубтадо.

Бояд қайд намуд, ки ин гурӯҳ ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумлаи пайрави мубтадо бе пайвандак ба тавассути оҳанг марбут мегарданд: **Вай кӯдаки худро нарм – нарм навозиш мекард, намоён буд, ки писарчааш ягона тасаллои дили дардманди ӯст** (С.У., Субҳ, 141); **Имрӯз қуввате намондааст, ҳамон беҳтар аст, ки бинои кор ба ҳила ниҳам**; **Мудирамон одами фақиракак, таҷрибааш ҳам чандон калон не, лозим меояд, ки бисёрии корҳои ҷанҷолиро худам ҳал кунам** (Н.,В.,2,92).

Агар ин навъ ҷумлаҳоро дар схема нишон диҳем, намуди зеринро мегиранд:



**Ҷумлаҳои мураккаби тобеи пай дар пай, ки дар таркибашон ҷумлаи пайрави мубтадо меояд**

Барои эзоҳи мубтадои сарҷумла ҷумлаҳои пайраве меоянд, ки яке аз онҳо ба сарҷумла тобеъ буда, мубтадои онро эзоҳ медиҳанд ва ҷумлаи пайрави дараҷаи якум мешаванд. Ҷумлаи пайрави дуюм ҷумлаи пайрави дараҷаи якумро эзоҳ дода, дараҷаи дуюм мешавад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба, ки ҷумлаҳои пай дар пай доранд, бештар ҳодисаи дудараҷагӣ мушоҳида мегардад.

1.Ҷумлаи пайрави мубтадо чун дараҷаи якум воқеъ шуда, ҷумлаи пайрави мубтадои дараҷаи дуюмро тобеъ мекунад: Дар ҳадис ҳаст, ки «ҳар кас ки ба қавме монанд шавад, аз ҷумлаи ҳамон қавм ба шумор меравад (С.А., К., 3, 359); Рост аст, ки Сафарро аз рӯзи ба аскарӣ рафтан

ин ҷониб аввалин бор медид, ӯро дар ҳол шинохта ҳам наметавонист (Н.В., 1., 71).



2.Ҷумлаи пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави муайянкунанда дараҷаи дуюм мешавад: Бар раъи аҳли камол пӯида намонад, ки бар бадани ҳар фарде аз афроди инсон ҷавҳаре шариф, ки онро рӯҳ хонанд, аз олами амр муваккал аст (З., М., 23); Аз суханони охири духтархона маълум шуд, ки «бесабрии ман» ҳам монанди он бесабрие будааст, ки як соат пештар дар пеши ҳамин духтарак карда, аз вай танбеҳ дида будам (С.А., Ёд., Қ., 1-11, 369) Схемааш:



3. Ҷумлаи пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пуркунанда дараҷаи дуюм: **Бесабаб нест, ки дар китобҳо гуфтаанд: илм дар дасти одами бад шамшери буррандааст дар дасти одами маст** (С.А., Ёд., Қ., 1-11, 106);

Аз гуфтаи Рябов маълум мешуд, ки ин тӯда ба муносибати сар шудани ислоҳоти замин, ният доштааст, ки бо роҳи ташвиқотҳои динӣ чашми деҳқонони қишлоқҳоро тарсонад (Р.Ҷ.О., 139).



4. Ҷумлаи пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави шартӣ (гоҳо чида мешавад) дараҷаи дуюм: Дар рӯ ба рӯи даҳони ғор айвончае ҳаст, ки агар касе ҳаваси девбанд шуда бошад, чил шабонарӯз дар ин ин ҷо нишаста азоимхонӣ мекардааст (С.А., К.,5, 12); Дар рӯи плакат навишта шудааст: Касе ки бо ин ҳарфҳо шинос нест, дар оянда таҳсил кардани ӯ мушкил аст. (М.М., 1968, 6-II).

Гоҳо ҷумлаи пайрави дараҷаи дуюм, ки пайрави дараҷаи сеюм мешавад: Дар хотир гузашт, ки агар он гурӯҳ аз паи ман оянд, аз

қатраҳои хуне, ки дар роҳ аз поям мечакад, нишонаи маро хоҳанд ёфт (С.А.,В., 131). Схемааш:



5. Пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави хилофӣ дараҷаи дуюм: Маҳоли ақл аст, ки агар реги биёбон дурр шавад, чашми гадоён пур шавад (Саъдӣ). Схемааш:



6. Пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави мақсад дараҷаи дуюм:

Ҷоҳил аст он, ки мунтазир бошад,
Ки аз қувва комёб шавад.

(А. Лоҳутӣ, 3, 85).

Ба вай лозим омад, кӯшише ба кор барад, то худро ба рафтани аз назди ин чинакчиён маҷбур намояд (У., Н., 393). Схемааш:



7. Пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави замон дараҷаи дуюм:

Дар сарам ҳаст, ки чун хок шавад қолиби ман,
Ба ҳавои лаби майгуни ту паймона шавам.

(Ҳ., О., 103).

Ба мо лозим аст, ки то ҷон дорем, дар ҳаққи инҳо сахтгирӣ кунем (С.А., К., 2, 39). Схемааш.



8. Ҷумлаи пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави тарзи амал дараҷаи дуюм:

Сухан он беҳ, ки ҳамчунон бошад,
Ки дар ӯ нафъи ҳамгинон бошад.

Барои ба амал баровардани ин мақсад ба хотир расид, ки хоҷаро чунон ҳаҷв бояд кард, ки он услуб аз фозилони гузашта воқеъ нашуда бошад (С.А., В, 181). Схемааш.



9. Ҷумлаи пайрави мубтадо дараҷаи якум ва пайрави сабаб дараҷаи дуюм: Бародар, маълум мешавад, ки ту на аз колхоз ва на аз тарзи кори он хабаре надорӣ, бинобар ин ба гуфтаҳои ман хуб диққат кун (С.А., К., 5, 241). Схемааш:



## 2.4.Ҷумлаи пайрави мубтадо дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби омехта

Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои пайрави мубтадо дар таркиби ҷумлаҳое низ меоянд, ки байни ҳам дар алоқаи пайвастӣ воқеъ гардидаанд. Чунончи:

1. Ҷумлаи пайрави мубтадо дар шакли ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ меоянд.

Аз мазмуни корҳои Абӯмуслим ва аз рӯи он чизҳо ҳамин маълум мешавад, **ки мақсади ҳақиқии Абӯмуслим аз ҳуруҷ танҳо маҳв кардани бани умия – Марвориён набуда, балки мақсади асосии ӯ нест кардан ва пеш кардани истилогарони араб аз Хуросон, Мовароуннаҳр ва умуман аз** вилоятҳои тоҷикон – эрониён буд (С.., К., 10, 214).

Схемаи ин намуди ҷумлаҳоро ба тарзи зер кашидан мумкин аст:



2. Пеш аз сарҷумлаи пайрави мубтадо ҷумлаҳои пайрави

шартӣ омада, ба он бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунандаи паи ҳам (алалхусус ва) алоқаманд мешаванд. Мо дар чунин мавридҳо ба муносибати маъноии ҷумлаҳо такя намуда, ҷумлаи мураккаби тобеи дорои пайрави мубтадоро ҳамчун сарҷумлаи пайрави шартӣ ба назар мегирем, ки дар муносибати пайваст воқеъ мегарданд ва гоҳо бе пайвандак ҳам омада метавонанд: Агар инкор кунам, Улуғбек дар ҳаққи ман ба шубҳа меафтад ва мумкин аст, ки дилаш аз ман рамад (С.А., В., 265-66); Агар ёрӣ надиҳад, тӯямро вайрон карда, каси бисёреро ба ҳабс мегиранд, аҷаб нест, ки мани мӯйсафедро ҳам ба ҳабс гиранд (С.А.К., 7, 345). Схемааш:



3.Гоҳо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҳам дар алоқаи пайваст воқеъ мегарданд. Дар ин ҳол ҷумлаи мураккаби якум метавонад дорои ҷумлаи пайрави ҳархела бошад ва ҳамеша пеш аз ҷумлаи мураккаби тобеи дорои пайрави мубтадо ояд. Баъзан ин хел ҷумлаҳои пайрави шартӣ чида мешаванд: Ҳарчанд натиҷаи тадқиқоти он донишмандон ба аҳолии шаҳри Бухоро расман маълум карда нашуда бошад ҳам, ба воситаи касони мӯътамад ба ман маълум шуд, ки онҳо сабаби асосии риштаро ба оби ҳавзҳои Бухоро ёфтаанд (С.А., К., 7, 543).

Дар ин мисол ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави хилофӣ ба ҷумлаҳои мураккаби тобеи пайрави мубтададор пайваст гардидаанд. Схемаи ин гуна ҷумлаҳо чунин аст:



## 2.5. Ибораҳои масдари ва сифати феълӣ ҳамчун муродифи ҷумлаҳои пайрави мубтадо

Дар грамматика, морфология ва синтаксис, калимаҳо ва ҷумлаҳо ба худ муродифҳои гуногун доранд. Муродифҳои лексикӣ дар

забони тоҷикӣ то андозае тадқиқ шуда бошанд ҳам,[46] муродифҳои синтаксисӣ ҳоло мавриди тадқиқи ҳартарафа қарор нагирифтаанд. Ба ҳар навъ, муҳаққиқони соҳаи муродифҳо тасдиқ мекунанд, ки дар забон барои ифодаи як мафҳум ва як маъно истифода мешаванд, натиҷаи инкишоф ва такомулоти тафаккур ва дар айни замон забони инсон ба шумор меравад. Ин ҳодиса, яъне муродифҳо дар забон бо таъсири чандин омили инкишофи қонунҳои дохилӣ ва берунӣ яъне таъсири забонҳои дигар ба амал меояд. Ҳамчунин «тағйирот дар сохти грамматикаи забон аз ҷумла дар синтаксис, комёбӣ ва муваффақияти тафаккури инсонро роҷеъ ба дарк ва барқарор намудани робита ва муносибати байни предмету ҳодисаҳои олами воқеӣ муайян мекунанд»[47].

Умумияти асосии муродифи калима ва ҷумлаҳо иборат аз ифода намудани як мафҳум ва як мазмун бо роҳ ва воситаҳои гуногун аст.[48] Фарқи барҷастаи онҳо дар сохт ва таркиб мебошад. Соҳиби «Ғиёс–ул–луғот» Муҳаммад Ғиёсиддин хусусияти асосӣ ва намоёнтарини муродифҳоро ҷамъбасткунон чунин таъриф мекунад: «Муродифҳо… лафзе, ки ба лафзи дигар дар маънӣ шарик бошад».[49] Тадқиқотчиёни ин соҳа исбот мекунанд ва далелҳои забонӣ низ тасдиқ менамоянд, ки муродифҳо ҳақиқатан **«дар маънӣ шарики ҳамдигаранд».**

Дар синтаксис ибораҳои феълӣ – ибораи масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳол бо аксарияти ҷумлаҳои пайрав муродиф мебошанд. Азбаски бо ҷумлаи пайрави мубтадо ибораҳои масдарӣ ва сифати феълӣ муродифанд, бинобар он мо ҷиҳатҳои умумӣ ва хусусии онҳоро нишон медиҳем.

Бо ҳамдигар муродиф будани ибораҳои феълӣ ва ҷумлаҳои пайрав чунин маъно надорад, ки онҳо бо ҳам аз ҳар ҷиҳат баробар ва монанд бошанд. Бо як қатор умумиятҳо ин ду категорияи грамматикӣ аз ҷиҳати маъно ва адои вазифа муродифи ҳамдигар шудаанд. Дар айни замон байни онҳо тафовути ба назар намоёнеро мушоҳида намудан мумкин аст.

Умумияти байни ҷумлаи пайрав ва ибора чунин аст:

Ҷумлаи пайрав ва ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати иҷрои вазифаи синтаксисӣ бо ҳам монананд. Масалан, ибораи масдарӣ дар таркиби ҷумлаи содда ба вазифаи мубтадои тафсилӣ омада метавонад: ҳамин вазифаро дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрави мубтадо адо мекунад.

Як фикр метавонад ҳам дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ва ҳам дар ҷумлаи соддаи дорои ибораҳои масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳолӣ ифода ёбад: мақсади ҳукумати коргару деҳқонии мо ин аст, ки халқи меҳнаткаш зудтар аз торикию нодонӣ халос шавад (С.У.,Субҳ., 276); Мақсади онҳо отряди худмуҳофизаткуниро пахш карда, яроқи онро зада гирифтан ва деҳаро толон кардан будааст (ҳамон ҷо, 186).

Муносибати маъноии байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ба муносибати байни мубтадо ва хабари ба воситаи ибора ифодашудаи ҷумлаҳои содда баробар аст.

Ана ҳамин ҷиҳатҳои умумӣ ибора ва ҷумлаҳои пайравро бо ҳам муродиф гардонидаанд. Дар баробари ин умумиятҳо як қатор хусусиятҳои фарққунанда дар байни ҷумлаи пайрав ва ибораҳои феълӣ мавҷуд аст, ки комилан бо ҳам баробар ва як чиз набудани онҳоро нишон медиҳад. Муҳимтарини он фарқиятҳо инҳоанд:

1. Ибораҳои феълӣ аз нишонаҳои асосии ҷумла – ҳукм, ифодаи замон, шахс ва тобишҳои гуногуни модалӣ маҳруманд.

2. Ибора аз ду ва зиёда аз он калима ташкил меёбад. Ҷумлаи пайрав ба воситаи як калима ҳам ифода ёфта метавонад: аз оҳанги гап заданаш ва тарзи хандааш маълум шуда меистад, ки медонад (С.Ғ., К., 4, 333); Аз чашмонаш маълум мешавад, ки шиносост (С.А., К., 2, 399); Ҳанӯз вакили мухтор ба минбар набаромада, чапак ба осмон печид (С.А., К., 2, 304); …Ғайр аз вақфи ҳуҷраашон даромади дигар доштанашон ҳам маълум набуд (С.А., Ёд., Қ. III – IV, 48).

3. Ибора ҳамчун калима ҳамеша вазифаи аъзои ҷумларо адо мекунад ва аз ахбороту ҳукм дар бораи ин ё он ҳодисаву воқеа маҳрум аст. Аммо ҷумлаҳои пайрав бар хилофи ибораҳо дар бораи чизу ҳодисаҳо ахборот медиҳанд ва дорои ҳукманд, аз ин рӯ, ҳамчун ҷумла қисми таркибӣ ба ҷудонашавандаи ҷумлаи мураккабро ташкил медиҳанд.

4. Ибораҳо (ҳамчун масолеҳи бинокорӣ) фақат дар таркиби ҷумла истеъмол шуда, маънои конкретонаеро ифода мекунанд. Ҷумлаҳои пайрав бе сарҷумла ҳам метавонанд маълум диҳанд. Дар ҷумлаи пайрав як фикри нисбатан пурра ифода мешавад, ки чунин хусусиятро дар ибора дидан мумкин нест.

5.Дар таркиби ҷумлаҳои пайрав калима ва ҳиссачаҳои модалӣ омада, бо сиғаҳои феълӣ муносибати гӯяндаро нисбат ба фикри гуфташуда (воқеият) ифода менамоянд. Дар таркиби ибораҳо калимаву ҳиссачаҳои модалӣ омада наметавонанд ва аз сабаби надоштани хабар аз ифодаи модалият тамоман маҳрум буда, муносибати гӯяндаро назар ба воқеият (ба фикри гуфта шуда) ифода карда наметавонанд.

6. Ҷумлаҳои пайрав дорои субъекти махсус мебошанд. Аммо ибораҳо аз субъекти грамматикӣ маҳруманд. Субъектӣ мантиқӣ соҳиби амали дар ибора ифода ёфта бошад ҳам, бевосита ҳамчун содиркунандаи он амал фаъол нест: Ба хотири Раҷаб расид ки Пӯлод ва рафиқи ӯ Ҷӯраро муаллими мактаби русии маҳалла чӣ тавр пеш карда буд (Р.Ҷ., Од., 448); **Баъди рафтани ӯ** ман аз котиб пурсидам (Р.Ҷалил).

7. Азбаски ҷумлаи пайрав дорои мубтадо, хабар ва ҳукм аст, бинобар он ҳамеша дорои оҳанги махсусе мебошад, ки аз тамомияти фикр гувоҳӣ медиҳад. Дар ибора чунин оҳанг вуҷуд надорад; ибора дар таркиби ҷумла оҳанги махсуси синтагмагӣ ҷудо мешавад.

Баъзе тадқиқотчиёни муродифҳои синтаксиси забони русӣ чунин ақида доранд, ки ба ҷои якдигар омадани муродифҳои синтаксисӣ як ҳодисаи маълум ва комилан имконпазир аст.

Ақидаи гурӯҳи дигари олимони рус (аз ҷумлам А.Н. Гвоздев) чунин аст, ки ибораҳои синтаксисӣ бо ҳам аз ҷиҳати маъно монанд ва баробар бошанд ҳам, дар ҳаргуна ҳолат ҷои ҳамдигарро гирифта наметавонанд, зеро баъзан дар асnoи иваз намудани як муродиф ба муродифи дигари синтаксисӣ, аз байн рафтан ва ё зарар дидани тобишҳои бағоят нозуки фикр (ҷумла) имконпазир аст.[50] Тадқиқотчии соҳаи синонимҳои ҳиссаҳои номии нутқи забони тоҷикӣ М. Муҳаммадиев ҷиҳатҳои умумии синонимҳои калимаҳоро ба ҳисоб гирифта, дар хусуси комилан ҷои ҳамдигарро иваз карда натавонистани ибораҳо чунин ақидаеро пеш меронад, ки синонимҳо «дар маънӣ шарики ҳамдигар» бошанд ҳам, «…ё бо маъно ва тобишҳои ба сематикаи калима хос буда, ё бо обу ранги бадеӣ – эмоционалии худ, ё бо хусусиятҳои услубӣ, ё аз ҷумлаи мавқеъ ва андозаи истеъмол ва бо хусусиятҳои сермаъноии худ аз якдигар фарқ мекунанд.[51] Комилан ба

ҳам баробар набудани синонимҳо (муродифҳо)–ро Муҳаммадиев ин тавр тасдиқ мекунад: «…фикри дар забон мавҷуд будани синонимҳои мутлақ нодуруст аст».[52]

Ба ҳамин тариқ, мо чунин хусусиятҳои муродифҳои синтаксисиро ба назар гирифта, бо ибораҳои масдарӣ ва сифати феълӣ муродиф будани ҷумлаҳои пайрави мубтадоро нишон медиҳем, вале ҳеҷгоҳ онҳоро комилан бо ҳам баробар ва дар ҳар маврид ба ибора табдил ёфтани ҷумлаи пайравро имконпазир ҳисоб намекунем. Сабаби ин ҳодиса дар ҷараёни таҳлили хусусиятҳои ибораҳо аз ҷумлаҳои пайрави мубтадо ошкор хоҳад гашт.

**Ибораи масдарӣ – муродифи ҷумлаи пайрави мубтадо**

Ҷумлаҳои пайрави мубтадо бо ибораи масдарӣ ва сифатӣ феълӣ муродифанд. Муродифи ҷумлаҳои пайрави мубтадои гурӯҳи якум ва дуюм ибораи сифати феълӣ буда, муродифи ҷумлаи пайрави гурӯҳи сеюм ибораи масдарӣ аст.

Ҳоло ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм ва муносибати онро бо ибораи масдарӣ аз назар мегузаронем.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар таркиби ҷумлаи содда истеъмол ёфтани ибораи масдарӣ яке аз ҳодисаҳои маъмули забонист. Ибораи масдарӣ дар таркиби ҷумла вазифаҳои гуногуни грамматикиро иҷро мекунад. Вай чӣ дар иҷрои вазифаи саразъоҳои ҷумла ва чи дар иҷрои вазифаи аъзоҳои пайрави ҷумла бе ягон маҳдудият кор фармуда мешавад.

Ибораҳои масдарӣ дорои хусусиятҳои гуногунанд. Вазифа ва хусусиятҳои гуногуни грамматикии ибораҳои масдаририро олимони забоншиноси тоҷик ҳангоми тадқиқи ин он боби грамматика ба дараҷаи муайян шарҳу эзоҳ додаанд.

Аммо масъалаи таркиби ибора, хусусиятҳои ҷудогонаи морфологӣ ва умуман ҳамчун воҳиди махсуси грамматикӣ дорои хусусиятҳои гуногуни грамматикӣ будани ибора аз доираи таҳқиқ берун мондааст. Сабаби он ба объекти муҳокимаи онҳо алоқаи бевосита надоштани хусусияти мазкури ибора аст.

Қайд кардан зарур аст, ки Н. Маъсумӣ дар асари барҷастаи худ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик».[53] нисбат ба дигар муаллифон дар бораи ибораи масдарӣ ва муносибати он бо ҷумлаҳои пайрав, дар хусуси баъзе ҷиҳатҳои таркиби ибора ва тафсилтар таваққуф намуда, бисёр мулоҳизаҳои диққатангез изҳор кардааст.

Ӯ қариб бо ҳамаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ҷумлаҳои пайрави он алоқаманд будани ибораҳои масдариро эътироф намуда, бо ҷумлаҳои пайрави хабар, пуркунанда, ҳоли замон, сабаб, мақсад ҳамвазифа будани ибораи масдариро бо далелҳои барҷаста таҳлилу асоснок менамояд. Чизи дигари ҷолиби таваҷҷӯҳ он аст, ки Н. Маъсумӣ таркиби ибораи масдариро вобаста ба ҷиҳатҳои услубиаш тадқиқ карда, сабабҳои дар таркиби ибора ҷойивазкунии калимаҳоро низ нишон додааст.

М. Қосимова дар мақолаи худ «Ибораҳои изофии масдарӣ» роҷеъ ба ибораи масдарӣ баъзе маълумотҳои назарӣ дода, фарқи ин категорияи грамматикиро аз калима (дар айни ҳол аз калимаҳои содда ва мураккаб) бо далелҳои эътимоднок собит мегардонад. Оид ба тарзи таркибёбӣ, мафҳум ва дигар хусусиятҳои махсуси ибораи масдарӣ низ изҳори ақида менамояд.

Дар қисмати дуюми мақола М. Қосимова бо баъзе ҷумлаҳои пайрав муродиф будани ибораи масдариро объекти муҳокима қарор дода, ибораҳои масдарии дар ҷумла ба вазифаи пуркунанда, ҳоли

замон, ҳоли шартӣ, сабабу мақсад нишон медиҳад. Вай оид ба муносибати ҷумлаи пайрави мубтадо бо ибора чунин менависад: «Агар ибораҳои изофии масдарӣ дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омада бошанд, пас ин хел ибораҳо ба ҷумлаи пайрав барнамегарданд».[54]

Вале далелҳои сершумори забони адабӣ нишон медиҳанд, ки қариб тамоми ҷумлаҳои пайрави мубтадои гурӯҳи сеюм ба ибораи масдарӣ бармегарданд. Ибораи масдарии зиёде мавҷуданд, ки дар ҷумла ҳамчун мубтадо хизмат мекунанд ва онҳоро баосонӣ ба ҷумлаи пайрави мубтадо табдил додан мумкин аст.

Ибораҳои масдарии забони тоҷикӣ баъзан бо субъекти мантиқӣ ифода мешаванд. Бо ҷумлаи пайрави мубтадо танҳо ҳамон ибораҳои масдарӣ муродиф шуда метавонанд, ки онҳо дорои мубтадои мантиқӣ бошанд. Мубтадои мантиқӣ ҳамчун мубтадои грамматикӣ озод ва мустақил набошад ҳам, ба ҳолату вазъият ва амале, ки дар ибора ифода ёфтааст, соҳиб мебошад. Агар ибораи масдарӣ дорои субъекти мантиқӣ набошад, ҷумлаи пайрави мубтадоро ба ибора гардондан ва баръакс ҷумлаи соддаи мубтадояш ба воситаи ибораи масдарӣ ифода ёфтаро ба ҷумлаи мураккаби тобеъ баргардонидан имконпазир аст. Сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави мубтадо ҷумлаҳлои шахсӣ буда, хоҳу – нохоҳ дар аснои ба ибора гардонидан мубтадои грамматикӣ дар шакли субъекти мантиқӣ дар таркиби ҷумла боқӣ мемонад. Мубтадои сарҷумла дар аснои ба ибора табдил додани ҷумлаи пайрав меафтад, чунки худи ҷумлаи пайрав ба вазифаи он меояд ва ҷои онро ишғол менамояд: **Ин** ҳам маълум аст, ки дар ин атроф дар колхози мо пеш колхоз нест (С.А., К., 3, 567). Дар ин атроф аз колхози мо пеш набудани **колхозе** маълум аст.

**Муносибат** он аст, ки мо низ Машғули кори худ буда – машғули кори худ бошем **намон** низ муносиб аст. (С.А., В., 293).

Ин аст, ки тамоми субъекти мантиқии таркиби ибора ҳамчун соҳиби амал доимо ба воситаи исмҳои хос, ҷонишинҳои шахсӣ, ё бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва ё ба воситаи ҷонишини нафсии худ ва исмҳои ҷинси мафҳуми шахсдошта ифода мегарданд. Мисолҳо:… дар ин ҷо танҳо хобидани шумо барои мо айб аст (Ҳ., К., 54); Фақат аз баъзе қишлоқҳои ҳамсоя омадани деҳқонон сал тӯл мекашад (Ҳамон ҷо, 55); Маро баробари дигар равандагон надонистанат, аз авомҳо фарқ кунонданат даркор аст (С.А., Ёд., Қ., III – IV, 33), …Дар мадрасаи хиёбон бо мулло Туроб ном ҳамдеҳаи худ истиқомат кардани ӯ маълум шудааст (С.А., Ёд., Қ, III – IV, 354).

Қариб ҳамаи ҷумлаҳои пайрави навъи мазкур дорои мубтадоанд. Мубтадои грамматикии ҷумла ва субъекти мантиқии ибора ҳар ду соҳиби амаланд. Танҳо фарқ дар ин ҷост, ки субъекти мантиқӣ амалу ҳолатро дар замони муайян ва бо ҳукми муайян адо намекунад. Аммо ҳамин ки амали субъекти мантиқиро бо амали асосии ҷумла вобаста намоем, замон, шароит ва ҳукми субъекти мантиқӣ маълум мешавад, яъне замон, шароит ва ҳукмест, ки амали асосӣ ифода мекунад.

Чунон ки гуфтем, ҷумла тобишҳои модалӣ ва экспрессивиро низ ифода мекунад. Ибораи масдарӣ аз ифодаи чунин тобишҳо низ маҳрум аст. Ибораи масдарӣ ҳамеша нисбат ба вақт бетафовут аст. Мо амалу ҳолати дар ибора ифодаёфтаро ҳамеша бо амали дар замони муайян содиршуда ё содиршаванда, ки он ба феъл – хабари ҷумла вобаста аст, алоқаманд намуда, ба ҳисоб мегирем. Аз ин рӯ, баъзан амали ибора бо амали асосӣ дар як вақт рӯй медиҳад ва баъзан амали ибора аз амали

асосӣ пеш содир мегардад. Чунин хусусияти ибораро фақат вобаста ба амали асосӣ фаҳмидан мумкин аст.

То ба дараҷаи ҷумла ташаккул наёфтани ибораи масдариро ба ҳисоб гирифта, А.А. Хадеева – Быкова тахмин мекунад, ки дар забони англисӣ шояд ибораи мазкур аз муродифҳояш – ҷумлаҳои пайрав пештар ба вуҷуд омада бошад.[55]

Тадқиқотчиёни таърихи забони адабӣ ақидаеро пеш ронда, тасдиқ мекунанд, ки дар процесси инкишофи тадриҷии забон дар натиҷаи тағйироти миқдорӣ аз ибораҳои феълӣ қисме аз ҷумлаҳои пайрав рӯида, беш аз пеш муташаккил ва устувор гардидаанд. Чунин аст як сабаби дигари бо ибораҳои масдарӣ муродиф будани ҷумлаи пайрави мубтадо ва дигар ҷумлаҳои пайраве, ки ба ибораи мазкур бармегарданд.

Ҷумлаи пайрави мубтадо бо нишон додани маънои асосии мубтадои сарҷумла вазифаи асосиро низ адо мекунад. Аз ин рӯ, баробари ба ибора табдил додани ҷумлаи пайрав мубтадои тафсилии ҷумлаи содда дар шакли ибораи масдарӣ пайдо мешавад ва барқарор мегардад. Ба ибораи масдарӣ баргашта, вазифаи мубтадои ҷумлаи соддаро адо намудани ҷумлаҳои пайрави мазкур санги маҳакест, ки ба гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави мубтадо дохил шудан ё нашудани ин ё он ҷумлаи пайравро тасдиқ ва ё рад мекунад. Умуман, ҳамин тариқ дар асnoи таснифи ҷумлаҳои пайрав ба асос гирифтани ибораҳои феълӣ имконият медиҳад, ки таснифоти ҷумлаҳои пайрав то андозае дуруст ба амал гузаронида шавад. Акнун чанд ҷумлаи пайравро ба тариқи муқоиса ва ибора мегардонем:

1.Аз баъзе варақаҳо дида мешавад, ки **шоир қофияҳои аҷиб ҷустуҷӯ намудааст**. **Қофияҳои аҷиб ҷустуҷӯ намудани шоир** аз баъзе варақаҳо дида мешавад.

2.Ба ҳамаи мо маълум аст, ки **Одина аз шумо қарздор аст** (С.А., Қ., 1, 103) **Аз Шумо қарздор будани** Одина ба ҳамаи мо маълум аст.

Чунон ки аз ин мисолҳо маълум аст, дар мавриди ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаи пайрав ягон мушкилие ба амал намеояд. Фақат дар аснои ба ибора баргардонидани ҷумлаҳои пайраве, ки хабарҳояшон номист, дигаргунӣ рӯй медиҳад.

Барои ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаҳои асосӣ пайрави хабарашон номӣ ба ҷои бандаки хабарии **аст** феъли ёридиҳандаи **буд**–ро дар шакли масдарӣ овардан зарур аст. Танҳо бо ҳамин шарт ҷумлаи пайрав имконият пайдо мекунад, ки ба ибораи масдарӣ табдил ёбад.

| | |
|---|---|
| 1.**Машҳур** аст, ки шумораи байтҳои ҳазрати Мавлавӣ дар миёнаи 90 – 100 ҳазор **байт** аст (С.А., В., 257). | Дар миёнаи 90 – 100 ҳазор байт **будани** шумораи байтҳои ҳазрати Мавлавӣ машҳур аст. |

2.Аз ҷанобашон пӯшида нест, ки «мардум галарав» аст (Р.Ҷ.,Од., 74).

2.«Галарав будани мардум» аз ҷанобашон пӯшида нест.

Сабаби ҳодисаи боло, ба фикри мо, дар он аст, ки бандаки хабарии **аст** шакли масдарӣ надорад ва ба ҷои он омадани феъли ёридиҳандаи **буд,** ки шакли масдарӣ дорад, ба мафҳуми замонии ҷумла ягон халале намерасонад.

Ҳодисаи дигари қобили қайд он аст, ки агар феъли ёридиҳандаи **будан** дар шакли аорист бо феълҳои асосӣ дар таркиби хабари ҷумлаи пайрав ояд, дар аснои бар ибора баргардонидан меафтад:

**3.Аҷаб** нест, ки онҳо дар байни худ ягон аҳду паймон дошта бошанд (Н.,В., 1, 531).

Дар байни худ ягон аҳду паймон доштани онҳо аҷаб нест.

Сабаби аз таркиби ҷумла афтидани аорист он аст, ки пеш аз вай феълҳое зикр шудаанд, ки онҳо худ шакли масдарӣ доранд ва он масдар ба худ масдари дигарро қабул карда наметавонад. Аористе, ки дар таркиби хабарҳои чунин ҷумлаҳои пайрав зикр мегардад, тобиши эҳтимолии ҷумлаҳоро пурқувват ва равшан мегардонад. Дар сурати афтиданаш ҳам, аз ҷумла тобиши модалии мазкур аз байн намеравад. Ба ҷумлаи содда ин тобишро хабари ҷумла (хабарҳои сарҷумла, ки дар вақти ба ибора гардонидан ба ин вазифа меоянд) мебахшад. Ҷузъи асосии хабарҳои чунин сарҷумларо ба воситаи калимаҳои аҷаб, мумкин, даркор, лозим ва зарур ифода мегардад.

Мумкин аст, ки **ҳамон гапҳо боз аз нав сар шуда бошанд**.

**Аз нав сар шудани ҳамон гапҳо мумкин аст.**

**Аҷаб** нест, ки он мард дар зери ин ҳезумҳо пинҳон шуда бошад (С.А., В., 131).

Дар зери ин ҳезумҳо пинҳон шудани он мард **аҷаб** нест.

Агар хабари ҷумлаи пайрави номӣ бошад, ва ҷузъи феълии онро феъли ёридиҳандаи **будан** дар шакли аорист ёрӣ диҳад, дар вақти

ба ибора баргардонидан феъли ёридиҳанда метавонад дар шакли масдар ояд.

| | |
|---|---|
| Баъд, дар шароити ҳозираи мо аҷаб нест, ки котиби колхоз шоир бошад. | Баъд, дар шароити ҳозираи мо шоир **будани** котиби колхоз аҷаб нест. |

Инчунин қайд кардан ҷоиз аст, ки агар хабари ҷумлаи пайрав феълӣ бошад, қариб дар ҳамагуна ҳолат дар аснои ба ибора баргардонидани ҷумлаҳои пайрав бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёридиҳанда аз таркиби ҷумла меафтанд. Ин ҳодиса вобаста ба он аст, ки хабари сарҷумла бе ягон тағйирот ба вазифаи хабарии ҷумлаи содда меояд. Феъли асосии хабари ҷумлаи пайрав ва, аз ин рӯ, бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёридиҳанда нолозим мешаванд:

**Ба ибораи масдарӣ баргардонидани ҷумлаи пайрави мубтадо**

| **Ҷумлаи пайрав** | **Ибораи масдарӣ** |
|---|---|
| Бадарак нест, ки Тоҳирҷон мафтун ва шефтаи ин нодираи даврон гашта, ҳусну ҷамол, хулқу хӯй ва рафтори ӯро мувофиқи табъи мудаққиқ ва латифи худ донистааст (Ҷ.И.,Д., саҳ, 215). | Мафтуна шефтаи ин нодираи даврон гашта, ҳусну ҷамол, хулқу хӯй ва рафтори ӯро мувофиқи табъи нозуксанҷ, табъи мудаққиқ ва латифи худ донистани Тоҳирҷон бедарак нест. |

Чӣ тавре ки аз ин мулоҳизаҳо маълум мешавад танҳо бо истисноӣ баъзе мавридҳо қариб тамоми ҷумлаҳои пайрави мубтадои намуди мазкур озодона ба ибораи масдарӣ бармегарданд. Ҳоло боз як

масъалаи дигарро, ки бо масъалаи мазкур алоқаи узвӣ дорад, дида мебароем. Ибораи масдариро муродифи ҷумлаҳои пайрави мубтадо мешуморанд ва далелҳои овардаамон қисман ин масъаларо тасдиқ мекунад. Пас, аз ин ҷо чунин саволе сар мезанад: агар ҷумлаи пайрави мубтадо бо ибораи масдарӣ муродиф бошад, мазмуни дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ифодашавандаро як ҷумлаи соддае, ки дар таркибаш иборай масдарӣ ба вазифаи мубтадо омадааст, ифода карда метавонад, ё не? Далелҳои забони адабии тоҷик ба ин савол ҷавоби мусбат медиҳанд. Дар дасти мо мисолҳои бисёре мавҷуданд, ки онҳо масъалаи мазкурро тасдиқ мекунанд.

Нависандагони мо як фикрро дар ду шакл, ҳам дар шакли ҷумлаи содда ва ҳам дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода кардаанд. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шаклҳои гуногун ифода ёфтани фикр хосияти забон аст ва бештару камтар истеъмол шудани яке аз ин шаклҳо ба услуб вобаста мебошад. Мушоҳида шуд, ки баъзе нависандагон ҳар ду шаклро баробар кор мефармоянд, аммо дар осори баъзе нависандагон яке аз ин шаклҳо характернок аст. Умуман, ба ҳисоби миёна дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ ифода ёфтани фикр характернок мебошад. Сабаби ин асосан дар он аст, ки барои ифода намудани тобишҳои хеле нозуки фикр, эҳсосот ва ғайра шакли мураккаби ҷумлаҳо имконияти зиёд дорад. Бинобарин ҳангоми муқаррар кардани афзалиятнокии яке аз муродифҳои грамматикӣ ба ҳисоб гирифтани онҳо зарур аст.

Ҷумлаҳои соддае, ки яке аз аъзоҳои онҳоро мо ҳамчун муродифи ҷумлаи пайрави мубтадо ба ҳисоб мегирем, асосан чунин

хусусият ва нишонаҳо доранд: дар ифоаи мазмун бо ҷумлаи мураккаби тобеи ҷумлаи пайрави мубтадодор монанд ва наздиканд. Ба вазифаи мубтадо ибораи масдарӣ меояд, ки мундариҷаи он бо маънои ҷумлаи пайрав асосан баробар аст, ба вазифаи хабари ҷумла калима ва таркибҳое меояд, ки мо онҳоро ҳамчун хабари сарҷумла мушохида мекунем: *Лекин имрӯз як бор меҳмон шуда рафтанатон шарт* (Ҷ.И.,Д.,311); *Аз навиштаҳои пушти ин китобча дар Ҳиндустон чоп шуданаш ва «Маҳмуду Аёз» ном доштанаш маълум мешуд* (С.А., Ёд., Қ., I – II, 223); *аз лаҳҷаю қиёфаашон шаҳрӣ буданашон маълум шуда меистод* (С.А., Ёд., Қ., III – IV, 196); *Дар зиндагӣ рӯзу соатҳои наҳс мешавад гуфтани баъзеҳо... бегап набудааст* (Р.Ҷ., Ҳ., 10).

Мо дар боло баъзе ҷумлаҳои пайравро ба ибораи масдарӣ баргардонидем ва баъзе ҷумлаҳои соддаеро нишон додем, ки онҳо муродифи ҷумлаҳои мураккаби тобеи ҷумлаи пайрави мубтадо доранд.

Ва, инак, дар зер чанд ҷумлаи соддаеро ба ҷумлаи мураккаб бармегардонем, ки дар натиҷа ҷумлаи пайрави мубтадо ба амал меояд.

Ҷумлаи соддае, ки мубтадои сарҷумлааш бо ибораи масдарӣ ифода ёфтааст:

**ба ҷумлаи пайрави мубтадо баргаштани масдарӣ – мубтадоҳои ҷумлаи содда:**

Аммо **рост, ё дурӯғ будани ин овоза** ҳанӯз ба вакили тиҷорат маълум нест (С.А.,Ёд., Қ., III – IV, 35). Аммо ҳанӯз ба вакили тиҷорат маълум нест, ки **ин овоза рост аст, ё дурӯғ. Аммо хеле ҳушёр ва эҳтиёткор будани** мо шарт аст (Ҷ.И., Т., 19). **Аммо** шарт аст, ки **мо хеле ҳушёр ва эҳтиёткор бошем.** Албатта, **ба намуди зоҳирии ман нигоҳ карда, маро хурдсол гумон кардани шумо** ҷои тааҷҷуб нест

(С.А.,К.,4, 153). Албатта, ҷои тааҷҷуб нест, ки ба намуди зоҳирии **ман нигоҳ карда, шумо маро хурдсол гумон кунед.**

Дар ҳар ҳол, **таҳқиқ кардани ин хабар ва муайян намудани кӣ будани «болше**вик» лозим буд (С.А., К., 4, 172). Ба ҳар ҳол, лозим буд, ки ин **хабар таҳқиқ ва ки будани «болше**вик» муайян карда шавад.

Аз ин мисолҳо пайдост, ки ҷумлаи пайрав ва ибораи масдарӣ то чӣ андоза ба ҳам наздик ва монананд. Бояд гуфт, ки ҳамаи ибораҳои масдарӣ ба ҷумлаи пайрави мубтадо муродиф шуда наметавонанд. Барои фарқ кардан бояд ба ҳисоб гирифт, ки дар таркиби ибора пешояндҳои ифодакунандаи мафҳуми замонӣ, мақсадӣ, сабабӣ ва монанди инҳо набошанд, инчунин дар таркиби ибора мавҷуд будани мубтадои мантиқӣ низ шарт аст.

Аз мушоҳидаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ибораи масдарӣ бо бисёр ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати иҷрои вазифа ва ифодаи маъно муродиф бошад ҳам, танҳо бо як хели ҷумлаи пайрави мубтадо, яъне навъи сеюми он, муродиф аст.

Сабаби ин ҳодиса он аст, ки дар ҳар ду узви чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ як маъно ифода мешавад. Ин аст ки, онҳо бо ҷумлаи соддаи мубтадояшон ба воситаи ибораи масдарӣ ифода ёфта ҳаммаъно (муродиф) мешаванд.

Дар забони адабии тоҷик ба чунин як ҳодиса дучор омадан мумкин аст, ки баъзе ҷумлаҳои пайравро озодона ба ибораи масдарӣ баргардонидан қариб имконнопазир аст. Ин ҳодиса вобаста ба он аст, ки дар аснои ба ибораи масдарӣ табдил додани ҷумлаи пайрав ё мундариҷаи умумии ҷумлаи пайрав зарар мебинад ва ё дар ҷумлаи содда фикри гӯянда бо тамоми нозукию тобишҳои гуногуни маъноияш

ифода ёфта метавонанд. Ба ин тариқ, дар мавридҳои зерин ҷумлаҳои пайравро ба ибораи масдарӣ табдил додан номумкин аст:

1.Агар пайрави мубтадо дар шакли саволӣ ифода ёфта бошад, дар ҳангоми ба ибора баргардонидани ин гуна ҷумлаҳо оҳанги савол аз байн меравад ва ин аллакай дар ҷумла пайдо шудани тағирот ва дигаргунии ҷиддиро нишон медиҳад. Нисбат ба ҳодисаҳои забонӣ чунин муносибат, албатта, муносибати субъективӣ ва сунъӣ ҳисоб мешавад. Мисолҳо: Маълум мешавад, ки ҳар як ниҳол аз сесад грамм ҳам зиёдтар ҳосил додаст? (У., Н.,94); Пас маълум мешавад, ки аз ин қишлоқ нестӣ? (Р.Ҷ., Од., 25); Маълум мешавад, ки аз масъала хеле бештар хабар доштаед? (Ҳамон ҷо, 150).

2. Дар таркиби сарҷумла пайвандаки хилофии вагарна омада бошад: Вагарна магар мумкин буд, ки як талаба ду сол дар ба дар ориятнишин шуда гардаду якбора аз мадарасаи мири Араб як ҳуҷраи яккаравақро соҳиб шавад (С.А., Ёд., Қ. I–II, 209); Вагарна мумкин буд, ки рухсати ба хонаи худҳояшон баргаштани аҳли «дари хона» то нимаҳои шаб, балки то саҳар дер мекашид (С.А., Ёд., Қ. I–II, 328).

3. Агар хабари сарҷумла ба воситаи калимаи модалии боистан ифода шуда бошад ва ё ин феъл дар таркиби ҷумлаи пайрав омада бошад. Дар акси ҳол тобиши модалии зарурат, ки дар ҷумлаи пайрав ифода мешавад, аз байн меравад: Дар тариқи患 иродат ва муҳаббат бояд, ки он чизе, ки мақбули мост, мақбули шумо бошад (С.А.,В.,235); Мард бояд, ки назар ба фоидаи худ дорад (З.,К.,48). Ин ҷумлаҳоро дар сурате ба ибораи масдарӣ гардонидан мумкин аст, ки феъли модалии **боистан** бо яке аз муродифҳои он – калимаҳои модалии **даркор, лозим** ва **зарур**

иваз карда шавад; Набояд, ки ин сухан бо касе дар миён ниҳӣ (С., Г., 86); Бо касе ин суханро дар миён ниҳоданат **лозим** нест.

### Иборaи сифати феълӣ – муродифи ҷумлаи пайрави мубтадо

Ба гурӯҳи якум ва дуюми ҷумлаи пайрави мубтадо ибораи сифати феълӣ муродиф аст. Ин ҳодиса пеш аз ҳама ба хусусияти худи ибораи мазкур алоқаманд мебошад. Ибораи сифати феълӣ ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла, хусусан мубтадо, омада метавонад. Бинобар ин, азбаски ҷумлаи пайрави мубтадо бар шарҳу эзоҳи мубтадои сарҷумла меояд, аз ҷиҳати маъно ва вазифа бо мубтадои сарҷумла баробар аст. Ҳамин ки ҷумлаи пайрав ба ибора баргашт, вай вазифаи мубтадои ҷумлаи соддаро адо мекунад. Дар процессии ба ибораи сифати феълӣ баргардонидани ҷумлаи пайрави мубтадои гурӯҳи якум чунин тағйирот пайдо мешавад.

Аз ҳайъати ҷумлаи пайрав таркиби пайвандакӣ меафтад: агар ҷонишини касс аломати номуайянӣ (ё – ишорат) дошта бошад, низ меафтад ва ба ҷои он изофат меояд.

Хабари ҷумлаи пайрав – феъл вобаста ба хусусияташ ба тағирот дучор мешавад, вай бо ёрии суффиксҳои сифати феълӣ – ба ибора бармегардад. Азбаски аксарияти хабарҳои сарҷумла ба воситаи аорист ифода мешаванд ва аорист замони ҳозира – ояндаро далолат мекунад, бинобар, он аорист ба феъли замони гузашта табдил меёбад ва барои он ки ифодаи замони аслии ҷумла аз байн наравад, ба феъли замони гузашта префикси ме– ва суффикси сифатӣ феълӣ ҳамроҳ шуда, дар якҷоягӣ шакли замони ҳозира–ояндаро ба вуҷуд меорад: Ҳар кас ки ба замин меафтид, кушта шуда ҳисоб меёфт (С.У.Субҳ., 249); Ба замин

меафтидагӣ кушта шуда ҳисоб меёфт; Ҳар кассе ки ҳамроҳи онҳо мешуд, маҷоли баргаштан надошт (С.А.,В.,129). Ҳамроҳи онҳо мешудагӣ маҷоли баргаштан надошт.

Чунон ки мебинем, ҳангоми ба ибора баргардонидан дар таркиби сарҷумла ягон дигаргунии ҷиддӣ ба вуҷуд намеояд.

Агар дар таркиби ҷумлаи пайрав калимаи пайвандакии он чӣ бошад, ҷумлаи пайрав ба ибора барнамегардад, зеро он чӣ мафҳуми умумӣ дорад ва дар сурати ба ибора баргардонидани ҳиссаи он–ро чӣ–ро ба чиз табдил дода, суффикси ҷамъбандии ҳо–ро илова кардан лозим меояд, ки ин то андозае маъниро халалдор мекунад.

Аммо ҷумлаҳои пайрави таркибҳои пайвандакии чизе ки, ҳар чизе ки дошта бошад ба осонӣ ба ибораи сифати феълӣ бармегарданд: Чизе ки бо шир даромадагӣ аст, фақат бо ҷон мебарояд (Ҷ.И.,Д., 246).

Чизи бо шир даромадагӣ фақат бо ҷон мебарояд. Ҳар чизе ки аз даҳони болшевикон баромадааст, то ҳол нашуда намондааст (С.А.,К.,3., 473). Чизи аз даҳони болшевикон баромадагӣ то ҳол нашуда намондааст.

Ҷумлаҳои пайрави мубтадои хели дуюм, ки инҳо ва онҳо (онон)–ро эзоҳ дода, маънои предметиашонро таъину муқаррар менамоянд, ба осонӣ ба ибораи сифати феълӣ табдил меёбанд. Дар аснои ба ибора баргардонидани ҷумлаи пайрав чунин ҳодиса рӯй медиҳад: Ҷонишин – мубтадои сарҷумла (бештар шахси сеюми ҷамъ) бо пайвандак аз ҷумла фурӯзгор мешаванд. Аз таркиби хабари ҷумлаи пайрав бандакҳои хабарӣ ва феълӣ низ меафтанд. Хабари ҷумлаи пайрав дар шакли сифати феълӣ (агар мубтадои сарҷумла шахси сеюми ҷамъ бошад, ҷумлаи пайрав суффикси ҷамъбандӣ қабул

мекунад) меояд. Ба сифати хабари ҷумлаи содда ҳамон хабари сарҷумла бея гон дигаргунӣ кор фармуда мешавад. Дар зер аввал ҷумлаи мураккаби тобеъро бо ҷумлаи содда ва сонӣ ҷумлаи соддаро, мубтадояш бо ҷумлаи пайрави гурӯҳи дуюм муродиф аст, ба ҷумлаи мураккаб табдил медиҳем.

**Табдили ҷумлаи мураккаби тобеъ ба ҷумлаи содда:**

**Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ:**

Онҳое, ки танҳо манфиати худро дар назар доштанд, дар обод кардани мамлакат кӯшиш намекарданд (С.А.,К.,2, 427)

**Ҷумлаҳои содда:**

**Танҳо манфиати худро дар назар доштагиҳо** дар обод кардани мамлакат кӯшиш намекарданд.

Онҳое, ки овози хуш доштанд ва мақоме медонистанд, барои хурсандии дӯстон ғазалхонӣ карданд (С.А.,К.,5., 26).

Овози хуш доштагиҳо ва мақоме медонистагиҳо барои хурсандии дӯстон ғазалхонӣ карданд. (С.А.,Кул.,5., 26).

Агар хабари пайрави ҷумларо бандаки хабарии **аст** сурат диҳад, он гоҳ ҳангоми ба ибора баргардонидани ҷумлаи пайрав ба ҷои бандаки хабарии **аст** феъли ёридиҳандаи **буд** меояд ва ба шакли сифати феълӣ бадал шуда, вобаста ба шахсу шумораащ дар шакли ҷамъ сурат мегирад.

Онҳое, ки ҳамёнашон ғафстар аст, дар ҳамин ҷо ҳам кайф мекунанд (Ф.М.,Д).**Ҳамёнашон ғафс будагиҳо** дар ҳамин ҷо ҳам кайф мекунанд. Дар хона будагон ҳама ба иззати нафси арӯс аз ҷо бархостанд (Ҷ.И., Д., 35). Онҳое, ки дар хона буданд, ҳама ба иззати нафси арӯс аз ҷо бархостанд. Дар беруни ҳаммом ба рӯи кӯрпача ва якандозҳо… ҳамаи

омадагон давра менишастанд (Ҷ.И., Д., 259). Дар беруни ҳаммом онҳое, ки омада буданд, ба рӯи кӯрпача ва якандозҳо ҳама давра менишастанд. Ояндагон ба дари ҳуҷраи манн расида, дарро сахт кӯфтанд (С.А.,Қ., 1, 80). Онҳое, ки омада буданд, ба дари ҳуҷраи манн расида, дарро сахт кӯфтанд.

## ХУЛОСА

Ҷумлаи пайрави мубтадо вобаста ба тарзи ифодаи мубтадои сарҷумла, вазифа ва мавқеи дар таркиби ҷумлаи мураккаб доштааш ба се навъ ҷудо мешавад:

Ҷумлаи пайрави мубтадои навъи якум, ба сарҷумлаи худ бо ёрии таркибҳои пайвандакии **ҳар кас (е) ки**, **ҳар кӣ**, **ҳар он ки**, **касе ки, ҳарчӣ // кӣ, ҳар он чӣ//ки, чизе ки, он чӣ//ки** марбут мегардад.

Ҷумлаҳои пайрави мубтадои намуди дуюму сеюм асосан ба воситаи пайвандаки **ки** ба сарҷумла тобеъ мешавад.

Навъи якуми ҷумлаи пайрави мубтадо бе василаи грамматикӣ истеъмол намешавад. Хусусияти дигари ҷумлаи пайрави мубтадо ин аст, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ вазифаи онро метавонанд адо кунанд.

Ҷумлаи пайрави мубтадои навъи аввал бо бисёр хусусиятҳои худ ба ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, муайянкунда ва шартӣ монанд аст. Тафриқаи онҳоро асосан аз рӯи тарзи ифодаи мубтадои хабари сарҷумла дар кори хатмӣ нишон дода шудааст.

Баъзе ҷумлаҳои пайрави мубтадо баробари нишон додан ва равшан гардонидани маънои предмети мубтадои сарҷумла, инчунин тобишҳои гуногуни маъноиро низ ифода мекунанд. Дар онҳо тобиши

шартӣ, сабабӣ ва натиҷагӣ хеле хос аст. Тобишҳои маъноӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҷумлаҳои пайрав ба шумор намераванд.

Ҳангоми таснифи ҷумлаҳои пайрави мубтадо вазифаи асосии онҳоро ба ҳисоб гирифта, тобишҳои маъноиашонро низ аз назар гузаронида шуд. Бештар ё камтар будани ин ё он тобиши маъноӣ ҷумлаи пайравро аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар дохил ё баръакс аз ин ё он гурӯҳ хориҷ намекунад. Дар ин бобат меъёри асосии муайянкунандаи ҷумлаҳои пайрав тарзи ифодаи аъзои эзоҳшавандаи сарҷумла ва вазифаи асосии синтаксисии ҷумлаи пайрав ба ҳисоб меравад.

Мисол меоварем: Мукаррама Қосимова ҷумлаҳои зеринро чун ҷумлаи пайрави шартӣ маънидод кардаанд:

Ҳар кас (ки) колхозро намехоста бошад, дар ин ҷо, дар пеши ҷамоа баромада гап занад (С.А.Кул, 3, 491).

Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад (Саъдӣ, мунт. Кул., 143).

Ҳар чӣ зуд барояд, дер напоянд (с.143).

Албатта, дар ин бора хулосаи ман ба дараҷаи баланди илмӣ нарасида бошад ҳам, вале аз рӯи тадқиқи мавзӯи мазкур, ба фикри мо, ҷумлаҳои овардашуда ҷумлаҳои пайрави мубтадо буда, дар ду мисоли аввал ҷонишини шахсии **ӯ**, дар мисоли сонӣ ҷонишини ишоратӣ **он**, ки дар таркиби сарҷумла зикр нагаштаанд, вале тасаввур мешаванд, мубтадо ба шумор меравнд. Дуруст аст, ки дар ҷумлаи пайрави мазкур тобиши шартӣ зиёд аст, вале, чунон ки зикр шуд, ин хусусияти асосии ҷумлаи пайрав ҳисоб намешаванд.

Дар кори мазкур тафовутҳои ҷумлаи пайрави мубтадо аз дигар ҷумлаҳои пайрав дида шуд:

Масалан, тафовути ҷумлаи пайрави мубтадо аз пайрави пуркунанда.

Дар рисолаи хатмӣ илмӣ исбот карда шуд, ки ҷумлаи пайрави мубтадо зоҳиран бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хеле мушобеҳ аст. Вале агар дурусттар аз назар гузаронем, ҳамоно фарқ ва хусусиятҳои хоси ин ду ҷумлаи пайрав барҷаста намоён мегардад. Ҷумлаи пайрави мубтадо, ки ба воситаи калимаҳои пайвандаки **касе, ки ҳар кас ки, ҳар кӣ** бо сарҷумла алоқа пайдо мекунанд, бо гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав хеле наздикӣ пайдо мекунанд, бо як гурӯҳ ҷумлаҳои пайрав хеле наздик буда, фарқ намудани онҳо аз ҷиҳати шакл дар назари аввал мушкил аст.

Мисол оварда шудааст: Ду ҷумлаи мураккаби тобеи зеринро аз назар гузаронида шуд:

1.Ҳар кас ки дар як гузари хароб як ҳавлии фавқулодда ободро медид, **(ӯ)** беихтиёр дар дили худ мегуфт (с. 133).

2. Ҳар кас ки ин илмро омӯхтан хост, ӯро ба шогирдӣ қабул намудам (С.А.Ёд., 27).

Чунон ки дар рисолаи хатмӣ қайд намудам, ҳамин тавр таҳлил кардам:

Мубтадои сарҷумлаи якум ҷонишини **ӯ** ё **вай** буда, ҷумлаи пайрав «Ҳар касе ки дар як гузари хароб як ҳавлии фавқулоддаи ободро медид», барои эзоҳи он омадааст. Бинобар ин ҳам ҷумлаи пайрави мубтадо ба шумор меравад.

Мубтадои сарҷумлаи ҷумлаи дуюм, ҷонишини шахси якуми танҳо – **ман** мебошад ва ҷумлаи пайрави «Ҳар кас ки ин илмро омӯхтан хост» на барои эзоҳи он, балки барои эзоҳи пуркунандае, ки ба воситаи ҷонишини шахсӣ – ишоратии ӯ ифода ёфтааст, хизмат кардааст.

Ин аст, ки аз рӯи вазифаи синтаксисиашон чунин ҷумлаҳои пайравро пайрави пуркунанда номидан лозим аст.

Дар кори мазкур тафовутҳои ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷумлаи пайрави муайянкунанда аз пайрави шартӣ нишон дода, онҳо дар асоси мисолҳои интихобшуда исбот карда шудаанд.

Хусусан, дар боби «Ҷумлаҳои пайрави мубтадои чида ва ғайричида» мисолҳояш дар асоси схемаҳо нишон дода шудаанд. (Нигаред, дар саҳ…)

Хусусияти барҷастаи ҷумлаи пайрави мубтадо аз дигар ҷумлаҳои пайрав он аст, ки «Ибораи масдарӣ – муродифи ҷумлаи пайрави мубтадо», инчунин «Ибораи сифати феълӣ – муродифи ҷумлаи пайрави мубтадо» буданаш дар рисола акси худро ёфтааст.

Дар иҷрои кори хатмӣ бештар аз адабиётҳое, ки ба ҳамин мавзӯъ каме мувофиқат мекард, истифода карда шуд.

Барои ёрӣ ва маслиҳатҳои муфидашон, ки барои иҷрои кори хатмиам беҳамто аст, ба дотсент Марҳабат Истамова аз таҳти дил ташаккури зиёд мегӯям.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:


1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби Мирзо Турсунзода. –Д., Ирфон, 1988. – 124 с.
2. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ 4.5. Китоби 2. Д., Ирфон, 1968. – 204 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик, иборат аз се ҷилд, ҷилди 1, с. 1988. –350 с; ч. 2, 1986. 345 с; ч.3, 1988. – 386 с.
4. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. –Д., Дониш, 1966. –с. 3–100.
5. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. Д., Ирфон, 1977 – 197 саҳ.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ II. Синтаксис. Д., Ирфон, 1984. – 290 с.
7. Забоншиносии тоҷик (маҷмӯаи мақолаҳо) – Д., Дониш, 1979. – 200 с.
8. Истамова Мархабат. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Самарқанд – 2011 – 150 саҳ.
9. Кабиров М, Воҳидов А. Забони адабии ҳозираи тоҷик (васоати услубӣ). Самарқанд – 2010, 159 саҳ.
10. Камолиддинов Б.К. Забон ва услуби Ҳаким Карим. –Д., Ирфон, 1967. – 185 с.
11. Камолиддинов Б.К. Ҳусни баён. – Д., Ирфон, 1989. – 117 с.
12. Қосимов М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри II. –Д., Ирфон, 1976. – 200 с.
13. Қосимова М.Н. Хат ва имлои матни классикии тоҷик. –., Маориф, 1989 – 2000. –400 с.
14. Қосимова М.Н. ва Камолиддинов Б.К. Маҷмӯи машқҳои синтаксиси забони тоҷикӣ. –Д., УДТ, 1976, – 114 с.
15. Қосимова М.Н. ва Камолиддинов Б.К. Маҷмӯи машқҳо аз синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби забони тоҷикӣ. – Д., УДТ, 1979. – 120 с.

16. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Д., НДТ, 1959 – 120 с.
17. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. – Д., Дониш, 1976 – 120 с.
18. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб, ҷ II, Забоншиносӣ, Д., Ирфон, 1980.–280 с.
19. Ниёзмуҳаммедов Б. Забоншиносии тоҷик. –Д., Ирфон, 1978 – 42 с.
20. Норматов М. Забоншиносии умумӣ (васоити таълим). – Д., Маориф, 1989. – 160 с.
21. Норматов М. Ҷумлаҳои содда дар забони адабии тоҷик (васоити таълим). – Д., Матбуот, 2001. – 184 с.
22. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. Д., Маориф 1991. – 80 саҳ.
23. Таваккал Чориев, Юнус Азимов, Ҷумъаназар Эшонқулов "Забони тоҷикӣ". Хонаи эҷодии табъу нашри Чӯлпон. Тошканд – 2006, 125 саҳ.
24. Таваккал Чориев. Забон ва услуби асарҳои публисистии Садриддин Айнӣ (лексика ва фразеология). Тошканд – 2014, 14 – саҳ.
25. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта маконе дорад. Д., Ирфон, 1985 – 308 с.
26. Шукуров М. Забони мо – ҳастии мост. Д., Маориф, 1991, 232 с.